Вақф барои Аллоҳ таъоло фурӯш ҷоиз нест

مترجمة باللغة الطاجيكية
وقف لله لا يجوز بيعه

# Шарҳи се асл ва далелҳои он

# Чаҳор қоида

# Навоқизи Ислом

Шарҳдиҳанда Шайх

**Ҳайсам ибни Муҳаммад Ҷамил Сарҳон**

собиқ мударриси донишгоҳи ҳарами масҷиди набавӣ

# شرح ثلاثة الأصول وأدلتها

شرح فضيلة الشيخ

هيثم بن محمد جميل سرحان

المترجم

شهاب الدين صالح

# Шарҳи се асл ва далелҳои он

Шарҳи фазилати шайх

Ҳайсам ибни Муҳаммад Ҷамил Сарҳон

Тарҷумон

Шаҳобиддин Солеҳ

### Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим

Албатта сипосу ситоиш барои Аллоҳ аст ва аз Ӯ талаби ёрӣ ва мағфират мекунем ва ба Аллоҳ аз бадии нафсҳоямон ва амалҳои бадамон паноҳ талаб мекунем, касеро Аллоҳ ҳидоят кунад, пас барои Ӯ гумроҳкунандае нест ва касеро Аллоҳ гумроҳ кунад, пас барои ӯ роҳнамое нест. Ва гувоҳӣ медиҳам, ки маъбуди бар ҳаққе ҷуз Аллоҳ нест, ягонаасту Ӯро шарике нест ва гувоҳӣ медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Ӯст, аммо баъд:

## Муқаддима пеш аз шарҳи китоб

### Муаллифи ин китоб

Шайхи Ислом ва таҷдидкунандаи даъвати яктопарастӣ, имом Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоб ибни Сулаймони Тамимӣ, куняти ӯ Абӯлҳусайн мебошад.

Дар Уяйна соли (1115 ҳиҷрӣ) ба дунё омада ва соли (1206 ҳиҷрӣ) дар Диръийя чашм аз олам пушида аст.


Барои чӣ тавҳидро меомузем?
Зеро Аллоҳ моро барои он офарида аст.
Аллоҳ ягон амалро бетавҳид қабул намекунад.
Ба ҷуз яктопараст касе дохили Ҷаннат намешавад
Сабаби бисёр шудани некиҳо мешавад.
Сабаби кафорати бадиҳо мешавад.
Сабаби ҳидоят ва қарор гирифтани амн мешавад.
Сабаби оромӣ мешавад.
Сабаб барои шафоати Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мешавад.

## Сабаби ихтиёр намудани ин китоб дар ибтидои талаби илм

Аҳамият додани салафи солеҳ ва олимони мо аз аҳли суннат ва ҷамоат ба ин китоби муборак, зеро дар ин китоб нафъ ва фоидаҳои бузург аст, ки онро қоида қарор дода аст, ки толиби илм метавонад аз он таҳсили илми шаръияшро оғоз намояд ва талаби илмро бар он мабнӣ созад. Пас мо ба онон пайравӣ ва иқтидо мекунем ва дар ин манҳаҷ ба қадамҳои онон қадам мегузорем.

Ҳамонгуна ки авоми мардум низ аз омӯхтани ин китоб ва муҳтавои он бениёз нестанд, муҳтаваёти ин китоб асосҳоест, ки барои ӯ имони қатъӣ овардан ба он зарурӣ аст, ки эҳтимоли райбу шакро надорад.

## Хусусиятҳои ин китоб ва дигар китобҳои Шайхи Ислом Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоб раҳимаҳуллоҳ дар ин аст, ки:

1-Осон ва возеҳ будан.

2-Баёни масъалаҳои китоб ҳамроҳ бо далел.

3-Ҷамъоварии масъалаҳо ва тартиб додани он ва барои он шумора зикр намудан ва сипас ба шарҳи он шурӯъ намудан.

4-Барои хонанда ва шунавандаи таълифҳояш бисёр дуо кардан.

## Шиносоӣ ба се асл




## Аз омӯхтани ин се асл чӣ натиҷае ҳосил мекунем?

Ҳамоно ту агар ин се аслро омӯхтӣ, сипас ба он амал кардӣ ва ба сӯи он даъват намудӣ ва дар даъват кардан сабр намудӣ, ба иродаи Аллоҳ саволҳои қабрро ҷавоб медиҳӣ.

Феҳрасти китоби се асл

Ин китоб ба панҷ қисм тақсим мешавад ва он иборатанд аз:

- 1-Масъалаҳои чаҳоргона (сураи аср)
- 2-Масъалаҳои сегона (қисмҳои тавҳид)
- 3-Аҳамияти омӯхтани тавҳид.
- 4-Се асл (саволҳои қабр).
- 5-Хотима

1-Масъалаҳои чаҳоргона

- 1-Илм
- 2-Ба он амал кардан
- 3-Ба сӯи он даъват кардан
- 4-Дар озору азияти даъват сабр кардан




## 3-Аҳамияти омӯхтани тавҳид

Ҷавоби саволи:Барои чӣ тавҳидро меомӯзем?

## 4-Се асл




## 5-Хотима

Аз каломи муаллиф раҳимаҳуллоҳ:"Мардум ҳангоме ки мурданд, барангехта хоҳанд шуд" то охири китоб.

# Аввал:Масъалаҳои чаҳоргона

Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим
1-Бидон Аллоҳ туро раҳмат кунад.
2-Бар мо таълим гирифтани чор масъала воҷиб аст:
Якум:Илм.
Ва он шинохтани Аллоҳ ва паёмбари Ӯ ва дини Ислом ба далелҳояш мебошад.
Дуюм:Ба он амал кардан.(3)




(2)Ҳамонгуна ки дар муқаддима ишора намудем аз одати муаллиф раҳимаҳуллоҳ дар таълифи китобҳояш ин аст, ки дар он барои толиб илм дуо менамуда ва аз Аллоҳ таъоло барои онҳо талаби раҳмат мекардааст ва ин далолати бар ин мекунад, ки:

1) Раҳмати олимони аҳли суннат ва ҷамоат ба талабагонашон.

2)Дини Ислом аслан бар раҳмат бино ёфтааст.

**Илм**- шинохтани ҳақ ҳамроҳ бо далел аст ва зидди он ҷаҳл аст.

3-Дар бораи алоқаи илм ба амал гуфта шудааст:"Илм бо амал мепайвандад, пас агар ба илм амал шавад, боқӣ мемонад ва ба ҷуз ин сурат илм аз байн меравад", пас ҳеҷ фоидае дар илме, ки ҳамроҳ бо амал набошад, нест. Пас ҳар кас илмеро аз худ намуд, бар ӯ воҷиб аст, ки ба он амал намояд ва дар ғайри ин сурат шабоҳат ба яҳуд дорад, ки илм доштанду амал

надоштанд (Ӯро мешинохтанд, ҳамонгуна ки фарзандонашон-ро мешинохтанд).

Ва аввалин шахсе, ки дар оташи Ҷаҳаннам дохил мешавад, аз се гурӯҳ:Олиме аст, ки илмро ба дигарон омӯхта ва ба он амал накардааст, мебошад.

وَعَالِمٌ بِعِلْمِهِ لَمْ يَعْمَلَنْ مُعَذَّبٌ مِنْ قَبْلِ عُبَّادِ الْوَثَنْ

Олиме, ки дар илме ки дошта амал накардааст, пеш аз парастишгарони бутҳо азоб дода мешавад.

## Сеюм:Ба сӯи он даъват кардан.

Барои даъват шартҳо ва қоидаҳост воҷиб аст, ки бар он қоим шавад ва аз муҳимтарини онҳо:

- Даъваташ холисона барои Аллоҳ таъоло бошад
- Даъват бар асоси илми шаръӣ бошад
- Даъват ҳамроҳ бо ҳикмат ва сабр бошад
- Аҳволи даъватшудагон ба пуррагӣ риоя гардад

## Далели ин шартҳо

Фармудаи Аллоҳ таъоло:

﴿ قُلۡ هَٰذِهِۦ سَبِيلِيٓ أَدۡعُوٓاْ إِلَى ٱللَّهِۚ عَلَىٰ بَصِيرَةٍ أَنَا۠ وَمَنِ ٱتَّبَعَنِيۖ وَسُبۡحَٰنَ ٱللَّهِ وَمَآ أَنَا۠ مِنَ ٱلۡمُشۡرِكِينَ ١٠٨ ﴾ يوسف: ١٠٨

"(Эй Паёмбар!) Бигӯ:Ин роҳи ман аст, ман бо басирати (комил) ба сӯи Аллоҳ даъват мекунам ва касоне, ки аз ман пайравӣ карданд (низ чунин мекунанд). Ва Аллоҳ пок ва муназзаҳ аст ва ман аз мушрикон нестам". (Сураи Юсуф:108)

﴿ قُلۡ هَٰذِهِۦ سَبِيلِيٓ ﴾ :Ишора ба шариатест, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба он омада аст ва сабил ҳамон роҳ мебошад.

﴿ أَدۡعُوٓاْ إِلَى ٱللَّهِ ﴾:Даъватдиҳандаи ба сӯи Аллоҳ дар воқеъ ҳамон мухлисест, ки мехоҳад мардумро ба роҳи Аллоҳ бипайвандад.

﴿ عَلَىٰ بَصِيرَةٍ ﴾:Басират ҳамон илм аст ва инҷо илми умури зеринро шомил мешавад:

| | | |
|---|---|---|
| 1-Илми шариат. | 2-Шинохтани ҳоли шахсе, ки даъват мешавад. | 3-Донистани роҳе, ки ба мақсад бирасонад. |

Муаллиф раҳимаҳуллоҳ мегӯяд:Ҳангоме ки илмро омӯхтӣ ва ба он амал намудӣ бар ту воҷиб аст бар роҳе, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам ва саҳобагон ва салафи солеҳ рафтанд, қадам бигузорӣ, аз ин ҷиҳат Аллоҳ таъоло мефармояд:"Бигӯ:Ин роҳи ман аст, ман бо басирати (комил) ба сӯи Аллоҳ даъват мекунам ва касоне, ки аз ман пайравӣ карданд (низ чунин мекунанд)". Пас бинобар ин даъват намудан зарурӣ ва лозим аст.

Чаҳорум:Сабр кардан ба озоре, ки дар ин роҳ (1) пеш меояд. Ва далел фармудаи Аллоҳ таъолост: "Бар аср савганд, албатта инсонҳо дар зиёнанд, магар касоне ки имон оварда ва амалҳои солеҳ анҷом додаанд ва якдигарро ба (адои) ҳақ васият карданд ва якдигарро ба сабр васият намуданд". (Сураи Аср) (2)

1-Муаллиф раҳимаҳуллоҳ баъд аз зикри даъват, сабрро баён карда аст ва ба ин сурат ба хонандаи китоб мегӯяд: Албатта касе ки ин роҳро мепаймояд, барои ӯ озор ва сахтиҳо пеш меояд, ҳамчунон ки анбиё ва расулон алайҳимус саломро пеш омада буд, пас сабр кардан зарурӣ аст.

Маънои сабр

дар луғат: Ҳабс кардан аст.

дар шариат: Нигаҳ доштани нафс ба анҷоми баъзе амрҳо ва ба тарки баъзе амрҳо.

Имом Ибни Қайим раҳимаҳуллоҳ сабрро бар се қисм тақсим намудааст:

1-Бар тоати Аллоҳ сабр кардан.

2-Дар дур шидани аз маъсияти Аллоҳ сабр кардан.

3-Бар тақдирҳои дардноки Аллоҳ сабр кардан.

2). Муаллиф раҳимаҳуллоҳ баъди зикри чаҳор масъала далелҳои онро аз Қуръон оварда аст ва он далел сураи Аср аст.

Чаро муаллиф доимо масъалаҳоро бо ҳамроҳи далел зикр мекунад?

- то ин ки толибилмро бар пайравӣ тарбия намояд, на бар тақлид.
- то ин ки дар назди толибилм ҳуҷҷат бошад, ки битавонад бар мухолиф рад намояд.
- то ки барои толибилм қудрат бар бардошти аҳком аз далелҳояш бар асосҳои солим бошад.

Имом Шофеӣ раҳимаҳуллоҳ мегӯяд:"Агар Аллоҳ бар халқаш ҳуҷҷате ба ҷуз ин сура нозил намекард, ҳароина барояшон басанда буд".(1)
Ва имом Бухорӣ раҳимаҳуллоҳ мегӯяд:"Боби илм пеш аз гуфтору кирдор аст" ва далели ин фармудаи Аллоҳ таъолост:"Пас бидон, ки маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳи ягона нест ва барои гуноҳи худ ва мардону занони мӯъмин омурзиш бихоҳ". Пас Аллоҳ пеш аз қавлу амал ба зикри илм ибтидо кард. (2)

(1)-Мақсади муаллиф раҳимаҳуллоҳ ин аст, ки ин сура ба танҳоияш дар мақоми ҳуҷҷат барои халқ қарор мегирад, то ин ки илм омӯзанд ва ба он амал намоян ва даъват намоянд ва дар роҳи даъват сабр намоянд.

(2)Амири мӯъминон дар ҳадис, дар китобаш "Саҳеҳи Бухорӣ" бобе ба номи "Боб илм қабл аз қавл ва амал аст" ва дар он далелашро зикр намуда аст. Пас зарурӣ аст, ки пеш аз гуфтору кирдор аввал илм бошад.

Пас беилм амал намудан дуруст нест, вагарна дар он шабоҳат ба насоро мешавад.

## Дуюм:Се масъала

Бидон Аллоҳ туро раҳмат кунад, ин ки бар ҳар марду зани мусалмон омӯхтани ин се масъала ва ба он амал кардан воҷиб аст (1).

1-Муаллиф раҳимаҳуллоҳ дар ибтидои ин бахши китоб барои толиб ва донишҷӯ дуо мекунад. Ва ба ростӣ муаллиф барои донишҷӯ дар китоби "Се асл" дар се мавзеъ дуо мекунад: Дар ибтидои "чаҳор масъала", сипас инҷо дар "се масъал" ва мавзеӣ сеюм: (Бидон, Аллоҳ туро бар тоаташ иршод намояд, ҳанафия ҳамон миллати Иброҳим аст....).

## Пешгуфтор пеш аз шарҳи се масъала

## Тавҳид ба се қисм тақсим мешавад

Тавҳиди рубубият: Ягона қарор додани Аллоҳ дар афъолаш, ё:Ягона қарор додани Аллоҳ дар офаридан ва мулк ва идора кардан.

Тавҳиди улуҳият: Ягона қарор додани Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло дар ибодат.

Тавҳиди номҳо ва сифатҳо:Ягона қарор додани Аллоҳ ба он номҳо ва сифатҳое, ки Худро дар Қуръон, ё  бар забони Расулаш саллаллоҳу алайҳи ва саллам номида ва  ба он васф намудааст. Ва ин ба исботи он чизе ки барои нафсаш исбот карда ва нафю рад кардани он чизе ки аз нафсаш рад кардааст, бетаҳриф, бе инкор кардан, беисботи чигунагӣ ва бе мисол задан мебошад.

Якум:Албатта Аллоҳ моро офарид ва ризқ дод ва раҳо накард, балки ба сӯи мо расул фиристод, пас касе Ӯро итоат кард, дохили Ҷаннат гардад ва касе бефармонӣ кард, дохили Дӯзах гардад. Далел фармудаи Аллоҳ таъолост:"Мо паёмбар ба сӯи шумо фиристодем, ки гувоҳ бар шумост, ҳамонгуна ки ба сӯи Фиръавн паёмбаре фиристодем. Пас Фиръавн ба мухолафат ва нофармонии он паёмбар бархост ва Мо ӯро сахт ҷазо додем". (1)

۞Исмҳо ва сифатҳо тавқифӣ аст ва ҳамонгуна дар Қуръон ва суннат омадааст, истода мешавад ба ин сурат, ки:

-Исботи он сифатҳое, ки Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло барои худ собит карда, ё Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам барои Ӯ собит кардааст.

-Ва нафй ва рад кардани сифате, ки Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло аз худ дар китобаш нафй карда, ё аз Ӯ Расулаш саллаллоҳу алайҳи ва саллам онро нафй кардааст. Монанди:"Ӯро пинаке намегирад ва на хобе", "Ва ҳеҷ хастагӣ (ва ранҷе) ба Мо нарасид" бетаҳриф кардан ва баинкор кардан ва беисботи чигунагӣ ва бе мисол задан барои он сифатҳо.




1-Масъалаи якум:Дар ин масъала муаллиф раҳимаҳуллоҳ тавҳиди рубубият ва тавҳиди исмҳо ва сифатҳоро исбот карда аст, ки (Аллоҳ моро халқ кард) пас Ӯ холиқ аст ва (Моро ризқу рӯзӣ додааст), пас Ӯ ризқдиҳанда аст. Ва (моро беҳуда раҳо накардааст), пас мо беҳуда нестем, ки на амрҳо ва на боздоштаҳо (балки ба сӯи мо паёмбар фиристодааст).

Ҳадаф аз фиристодани Аллоҳ паёмбарон алайҳимус саломро ин аст:

- Барпо доштани далелу ҳуҷҷат бар халқ:"Ва Мо ҳаргиз азоб нахоҳем кард, магар ин ки паёмбаре бифиристем".
- Раҳмат:"Ва (эй паёмбар!) Туро ҷуз раҳмате барои ҷаҳониён нафиристодем".

Дуюм:Албатта Аллоҳ розӣ намешавад, ки дар парастишаш касе-ро шарик қарор дода шавад, чӣ малоикаи муқарраб бошад ва чӣ паёмбарӣ фиристода-шуда. Ва далели ин фармудаи Аллоҳ таъо-лост:"Ва албатта мас-ҷидҳо азони Аллоҳ аст, пас ҳеҷ касро бо Аллоҳ нахонед".

Масъалаи дуюм, дар он исботи улуҳият барои Аллоҳ таъолост. Муаллиф раҳимаҳуллоҳ гуфт: (Албатта Аллоҳ розӣ намешавад, ки касеро шарик қарор дода шавад), "аҳадун-касе" дар инҷо номаълум буда, ҳар касро дарбар мегирад, бинобар ин розӣ нест, ки расул, ё валӣ, ё ҷиннӣ, ё малоика, ё шахси некукор, ё ғайраш касе ки бошад шарик ва ҳамто гирифта шавад. Ва далел фармудаи Ӯ таъолост:"Ва албатта масҷидҳо махсуси парастиши Аллоҳ аст ва (дар

онҳо) касеро бо Аллоҳ парастиш накунед".

Дар маънои масҷидҳо се қавл аст ва ҳамаи онҳо саҳеҳ аст:




(Масҷидҳо махсуси Аллоҳ аст, пас бо ҳамроҳи Аллоҳ касеро напарастед): "Аҳадун-касе" номаълум аст ва далолат бар умумият дорад ва ба ҳамин далел муаллиф раҳимаҳуллоҳ дар ибтидои масъалаи дуюм гуфтааст:"Аллоҳ розӣ нест, ки касе ҳамроҳи Ӯ шарик ва ҳамто гирифта шавад". Яъне ҳар кас бошад, чӣ он шахс паёмбар, ё валӣ, ё ҷин ё марди накукор бошад.

Сеюм:Албатта касе Расулро итоат кунад ва Аллоҳро ягона бидонад барои ӯ дӯстӣ кардан бо касе ки Аллоҳ ва расулашро мухолифат мекунад, раво нест ва гарчи хеши қарибтар ҳам бошад. Ва далели ин фармудаи Аллоҳ таъолост:"Ҳеҷ қавмеро, ки имон ба аллоҳ ва рӯзи растохез доранд намеёбӣ, ки бо душманони Аллоҳ ва расулаш дӯстӣ кунанд, ҳарчанд падарон, ё писарон, ё бародарон, ё хешовандонашон бошанд, онон касоне ҳастанд, ки Аллоҳ имонро дар сафҳаи дилҳояшон навишта ва бо руҳе аз ҷониби худаш онҳоро таъйид фармуда ва онҳоро дар боғҳои Биҳишт ворид мекунад, ки наҳрҳо аз зери дарахтонаш ҷорӣ аст, ҷовидона дар он мемонанд. Аллоҳ аз онҳо розӣ аст ва онон низ аз Ӯ розиянд. Онҳо ҳизби Аллоҳанд бидонед ҳизби Аллоҳ пирӯзон ва растагоронанд".

Масъалаи сеюм, дар ин масъала муаллиф раҳимаҳуллоҳ вуҷубияти безорӣ намудан аз ширк ва мушриконро баён намудааст.




1-Бо қалб:Ба ин сурат ки нисбати кофирон ва идҳои онон ва маҳфилҳояшон ва хусусан ширкҳо ва бидъатҳое, ки дар назди онон аст, бад бубинӣ.

2-Бо забон, Аллоҳ мефармояд:"Албатта ман безорам аз он чизе, ки шумо мепарастед".

"(Эй паёмбар) Бигӯ:Эй кофирон! Ман намепарастам он чиро, ки шумо мепарастед. Ва шумо (низ) намепарастед он чиро, ки ман мепарастам. Ва на ман парастишгари он чиро, ки шумо парастиш кардаед, хоҳам буд. Ва на шумо парастишгари он чиро, ки ман мепарастам, хоҳед буд. (Бинобар ин) ойини шумо барои худатон ва ойини ман барои худам".

3-Бо аъзои бадан, ба иштирок накардан дар маҳфилҳояшон, ё одатҳояшон, ё шабоҳат надоштан дар либосҳояшон, ё дар эътиқодҳои онон.

# Сеюм:Аҳамияти омӯхтани тавҳид

Бидон Аллоҳ туро барои тоаташ иршод намояд ин ки ҳанифия миллати Иброҳим алайҳис салом Аллоҳро ягона парастидан, дар ҳоле ки динро барои Ӯ холис кардан ва барои ҳамин Аллоҳ ҳамаи мардумро амр кардааст ва барои ҳамин офарида аст, ҳамчуноне ки Аллоҳ таъоло мефармояд: "Наофаридам ҷин ва инсро, магар ки Маро ибодат кунанд". (1)

Ва маънои ибодат кунанд, ягона бипарастанд, мебошад. (2)

Ва бузургтарин чизе ки Аллоҳ ба он амр кардааст, тавҳид аст ва он ягона парастидани Аллоҳ аст. (3)

Ва бузургтарин чизе ки Аллоҳ аз он наҳй кардааст, ширк мебошад. Ва ширк-дуои ғайри Аллоҳ ҳамроҳи Ӯ мебошад.

**Ҳанифия**

Дар луғат:Аз калима и ҳанаф гирифта шуда ва он майл кардан аст

Дар шариат: Ҳамон милла-ти майлкунан-да аз ширк ба сӯи ихлос, тав-ҳид ва имон мебош-ад. (Фармон-бардорӣ Аллоҳ, ҳаниф "холӣ аз инҳи-роф" буд). Яъне рӯйгардон ба сӯи Аллоҳ ва аз ширк пушт-гардон буд, пас ҳаниф касе аст, ки доимо ба сӯи тавҳид бар ме-гардад ва аз ширк дӯр ме-шавад.

3-Дар инҷо муаллиф раҳимаҳуллоҳ баён менамояд, ки тавҳидро барои чӣ меомӯзем ва ба ростӣ дар гузашта аҳамияти онро зикр кардем.




Муаллиф раҳимаҳуллоҳ гуфт:(Ва маънои мепарастанд:Ягона қарор медиҳанд. Ва ин сухани Ибни Аббос разияллоҳу анҳумо аст, ки мегӯяд:Ҳар ибодате, ки дар Қуръон аст, маънои он тавҳид аст. (Ва Аллоҳро бипарастед), яъне ягона қарор диҳед. (Эй мардум Парвардигоратонро бипарастед): эй мардум Парвардигоратонро ягона қарор диҳед.

## Чаҳорум:Се асл

Агар пурсида шавӣ: Се асле, ки маърифати он бар инсон воҷиб аст, чист?
Пас бигӯ:Маърифати банда Парвардигораш, динаш ва паёмбараш Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам мебошад. (1)
Агар пурсида шавӣ: Парвардигорат кист? Бигӯ: Парвардигори ман Аллоҳест, ки ман ва ҳамаи оламиёнро ба неъматҳояш тарбият кардааст. Ва Ӯ маъбуди ман аст, барои ман маъбуде ғайри Ӯ нест. Ва далели ин фармудаи Аллоҳ таъолост:"Ҳамду сипос махсуси Аллоҳест, ки Парвардигори оламиён аст". (2) Ҷуз Аллоҳ ҳама чиз олам аст ва ман яке аз ҳамин олам ҳастам. (3)

1-Муаллиф раҳимаҳуллоҳ ба зикри се асл ибтидо намуд, ба ин сурат, ки онро ба саволҳои қабр мисол задааст, то ки таваҷҷуҳи хонанда ва шунавандаи саволро ҷалб намояд ва баъд аз он ба ин саволҳо посух медиҳад.

2-Муаллиф раҳимаҳуллоҳ асли аввалро баён намуда, ки парвардигоре, ки шоистаи ибодат аст Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло мебошад. Ва далели ин суханро зикр намуд ва он фармудаи Аллоҳ таъолост:"Ҳамду сипос махсуси Аллоҳест, ки парвардигори оламиён аст", пас парвардигор ҳамон маъбуди барҳақ аст.

"Ҳамду сипос махсуси Аллоҳест, ки парвардигори оламиён аст", ин оят ҳар се навъҳои тавҳидро ҷамъ овардааст

"Алҳамду" дар ин исботи тавҳиди исмҳо ва сифатҳост.

"Лиллоҳ" дар ин исботи тавҳиди улуҳият аст.

"Раб" дар ин исботи тавҳиди рубубият (парвардигорӣ) аст.

3-Яъне ҳамаи чиз ба ҷуз Аллоҳ махлуқ аст ва ҳаргоҳ ман махлуқ бошам, зарурӣ аст, ки ба шукри Офаридгори неъматдиҳанда ва фазлдиҳанда субҳонаҳу ва таъоло қоим шавам.

Пас агар пурсида шавӣ, Парвардигоратро ба чӣ шинохтӣ? Бигӯ ба оятҳо ва махлуқоташ шинохтам, аз ҷумлаи оятҳояш:Шабу рӯз ва офтобу моҳтоб аст. Ва аз ҷумлаи махлуқоташ:Ҳафт осмон ва ҳафт замин ва касе, ки дар инҳост ва он чизе, ки дар байни инҳост. Ва далел фармудаи Аллоҳ таъолост:"Ва аз нишонаҳои Ӯ шабу рӯз ва офтобу моҳ аст, (вале) барои офтобу моҳ саҷда накунед, (балки) барои Аллоҳе, ки офаринандаи онҳост саҷда кунед, агар танҳо Ӯро мепарастед". Ва фармудаи Аллоҳ таъоло:"Албатта парвардигори шумо Аллоҳест, ки осмонҳо ва заминро дар шаш рӯз офарид, сипас бар Арш қарор гирифт, бо (пардаи торики) шаб рӯзро мепӯшонад ва шаб ба суръат дар паи рӯз меояд ва офтоб, моҳ ва ситорагонро офарид, ки мусаххари фармони Ӯ ҳастанд. Огоҳ бошед, ки офаринишу амр аз они Ӯ (ва ба фармони Ӯст), пурбаракат ва безавол аст Аллоҳе, ки парвардигори оламиён аст". (1)

Ва Раб ҳамон маъбуд аст ва далели ин фармудаи Аллоҳ таъолост:"Эй мардум! Парвардигоратонро, ки шумо ва касоне, ки пеш аз шумо буданд, офарид, парастиш кунед, то парҳезгор шавед. Он кас, ки заминро бистари шумо ва осмонро сақфе қарор дод ва аз осмон обе фурӯ фиристод ва ба василаи он меваҳоро барои рӯзии шумо рӯёнид, бинобар ин барои Аллоҳ ҳамтоёне қарор надиҳед, дар ҳоле ки медонед (ҳеҷ як аз онҳо на шуморо офарида ва на рӯзӣ медиҳад)". (2)

Ибни Касир раҳимаҳуллоҳу таъоло мегӯяд:"Офаридгори ин чизҳо лоиқи парастиш аст".

1-Муаллиф шурӯъ ба зикри маҷмӯъае аз оёти кавнӣ ва низ махлуқоте кардааст, ки далолат бар вуҷуди Аллоҳ доранд ва собит мекунад, ки ҳеҷ парвардигор ва холиқ ва маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳ вуҷуд надорад ва ҳамонтавр ки дар китоб ворид шуда, далоиле аз Қуръонро бар ин мавзӯъ зикр карда аст.

Ва ҳар махлуқе нишонае бар вуҷуди Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло аст ва локин шайхи Ислом Муҳаммад ибни Абдул-ваҳҳоб раҳимаҳуллоҳ байни оят ва махлуқ фарқ гузошта аст, зеро ҳар чизе ки нишона аст, тағйир мекунад, монанди шабу рӯз ва он чи ки тағйир мекунад далиле ки дар он вуҷуд дорад қавитар аз оне аст, ки тағйир намекунад.

2-Ин оят дар сураи Бақара аст.Баъзе олимон гуфтанд:Албатта дар ин оят аввалин нидои Қуръон:"Эй мардум!" ва дар он аввалин феъли амр дар Қуръон:"Бипарастед" яъне ягона бидонед, омадааст. Ва дар он аввалин наҳй дар Қуръон:"Пас барои Аллоҳ шариконе қарор надиҳед, дар ҳоле ки худ медонед", ки наҳй аз ширк аст, омадааст.

3-Яъне касе ки дар рубубияташ (афъолаш) яктост, воҷиб аст, ки дар улуҳият (ибодат кардан) низ якто донista шавад.

Ва навъҳои ибодате, ки Аллоҳ ба он амр карда аст, монанди Ислом, имон ва эҳсон мебошад. Ва аз ҷумлаи он дуо, тарс, умед, таваккул, рағбат, раҳбат, хушӯъ, хашият, инобат, истионат, истиъоза (паноҳ бурдан), истиғоса (ба фарёд хостан), забҳ (куштани мол), назр ва ғайра аз навъҳои ибодате, ки Аллоҳ ба он амр карда аст, ҳамааш махсуси Аллоҳ таъоло мебошад. Ва далел фармудаи Аллоҳ таъолост:"Ва албатта масҷидҳо аз они Аллоҳ аст, пас ҳеҷ касро бо Аллоҳ дуо накунед (напарастед)". Пас касе чизе аз навъҳои ибодатро барои ғайри Аллоҳ анҷом диҳад, мушрику кофир аст ва далел фармудаи Аллоҳ таъолост:" Ва ҳар кас маъбуди дигареро бо Аллоҳ бихонад ва ба яқин ҳеҷ далеле бар он нахоҳад дошт, ҳисоби ӯ назди Парвардигораш хоҳад буд, ба ростӣ кофирон наҷот намеёбанд".

Ва дар ҳадис омадааст:"Дуо мағзи ибодат аст". Ва далел фармудаи Аллоҳ таъолост:"Парвардигори шумо гуфтааст: Маро дуо кунед, то (дуои) шуморо иҷобат кунам. Ба яқин касоне, ки аз ибодати Ман такаббурӣ мекунанд, ба зуди бо зиллат (хорӣ) вориди Дӯзах мешаванд".

Муаллиф раҳимаҳуллоҳ пас аз нақли каломи Ибни Касир раҳимаҳуллоҳ бо зикри баъзе аз ибодатҳои қалбӣ ва баданӣ, ҳамроҳ бо далел аз Қуръон ва суннат, онро ба наҳви зер тавзеҳ додааст:



**Дуои масъалат ба ду қисм тақсим мешавад**

- Дуое ки бар он ҷуз Аллоҳ касе қудрат надорад.Анҷоми ин навъ дуо барои ғайри Аллоҳ ширки акбар аст.
- Дуое, ки банда бар он қудрат дорад. Ин дуо ба чанд шарт саҳеҳ аст:
  - Касе ки аз ӯ дархост мешавад, зинда бошад, ба зикри ин қайд майит хориҷ шуд.
  - Касе ки аз ӯ дархост мешавад, ҳозир бошад. Ба зикри ин қайд ғоиб хориҷ шуд.
  - Касе ки аз ӯ дархост мешавад, қодиру тавоно бошад. Ба зикри ин қайд оҷиз хориҷ шуд.
  - Эътиқод намояд, ки шахси аз ӯ дархостшуда танҳо сабаб аст ва ба зоти худ муассир нест.

Аммо агар эътиқод дошта бошад, ки ин хондашуда, дар коинот тасарруфи махфӣ дорад ва ҷалби манфиат ва дур кардани зарар ба дасти ӯст, ин ширк аст.

Мулоҳаза:Чизе ки мо мехонем, ҳукм бар феъл аст, аммо ҳукм бар фоил ниёзманд ба иқомаи ҳуҷҷат ва нафй шудани шубҳа аст. Ва олимон касоне ҳастанд, ки бар фоил ҳукм мекунанд, ки мӯъмин аст, ё кофир.



Ҳадиси:"Дуо мағзи ибодат аст" ҳадиси заиф аст ва ҳадиси саҳеҳ фармудаи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аст: "Дуо ҳамон ибодат аст".

Чигуна дуо, ҳамон ибодат аст?

Оят бар ин далолат мекунад:"Ва Парвардигори шумо фармуд:Маро бихонед, то (дуои) шуморо иҷобат кунам, ҳамоно касоне ки аз ибодати Ман саркашӣ мекунанд, ба зуди бо хорӣ ба Ҷаҳаннам ворид мешаванд".

Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло фармуд:"Ибодати Ман", пас ин далел бар ин аст, ки дуо ибодат аст.

Ва далели хавф (тарс) фармудаи Ӯ таъолост: "Пас агар имон доред аз онҳо натарсед ва аз Ман битарсед". (1)
Ва далели раҷо (умед) фармудаи Ӯ таъолост:"Пас ҳар ки ба лиқои Парвардигораш умед дорад, бояд кори шоиста анҷом диҳад ва ҳеҷ касро дар ибодати Парвардигораш шарик насозад". (2)

1-Хавф-инфиъолест, ки вақте ба вуҷуд меояд, ки чизе иттифоқ биафтад, ки дар он тарс аз кушта шудан, ё зарар, ё азият вуҷуд дорад. Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло наҳй кардааст, ки аз авлиёи шайтон тарсида шавад ва амр карда аст, ки фақат аз Ӯ битарсанд.




Ин ҳамон хавфи обид аз маъбуд аст ва дар он зиллат ва хузӯъ ва таъзими маъбуд вуҷуд дорад. Ин навъи хавф аз Аллоҳ воҷиб буда ва сарфи он барои ғайри Аллоҳ ширки акбар аст.

Мисли ин ки инсон аз оташ, душман, ҳайвони даранда.....то охир ва ин навъи хавф мубоҳ аст.

Монанди ноумед шудан аз раҳмати Аллоҳ, ё итоати махлуқ дар коре, ки нофармонии аз Аллоҳ аст.

2-Раҷо (умед):Тамаъи инсон ба чизе ки ба зуди фаро хоҳад расид ва аҳёнан мумкин аст, дертар фаро расад. Аммо онро дар ҷойгоҳи амре қарор диҳад, ки ба зуди фаро хоҳад расид.

Ва раҷо дарбар гирандаи зиллат ва хузӯъ аст ва ин фақат барои Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло мебошад ва сарфи он барои ғайри Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло ширки акбар аст.

Ва раҷои писандида намебошад, магар барои шахсе, ки Аллоҳро тоат намуда ва савоби онро умед мекунад, ё аз маъсияташ тавба намуда ва қабули тавбаашро умед мекунад.

Ва аммо умеди беамал, пас он мағрур шудан ва таманои нописанд аст.

Ва далели таваккул фармудаи Аллоҳ таъолост:"Ва бар Аллоҳ таваккул кунед, агар имон доред". Ва фармудаи Ӯ:"Ва ҳар кас бар Аллоҳ таваккул кунад, Аллоҳ амри ӯро кифоят мекунад". (1)

Ва далели рағбат, раҳбат ва хушӯъ фармудаи Ӯ таъолост: "Албатта онҳо ҳамвора дар корҳои хайр ба суръат иқдом мекарданд ва аз рӯи биму умед Моро дуо мекарданд ва пайваста барои Мо хушӯъкунанда буданд". (2)

- 1-Таърифи таваккул
  - Дар луғат: Таваккул бар чизе ҳамон эътимод кардани бар он аст.
  - Дар шаръ:Он эътимоди содиқона бар Аллоҳ ҳамроҳ бо итминон ба Ӯ ва истифода аз асбоби шаръӣ аст.

- Дар таваккул се чиз бояд муҳаққақ шавад
  - Дар эътимоди бар Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло содиқ будан.
  - Яқин доштан ба ин ки Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло он чиро ки ваъда додааст, анҷом медиҳад.
  - Ба сабабҳои шаръӣ чанг задан.

Рағбат:Муҳаббати  расидан ба чизе, ки маҳбуб аст.

Раҳбат:Хавфе, ки натиҷааш гурехтан аз чизе аст, ки аз он метарсад. Раҳбат:Хавфе аст, ки ҳамроҳ бо амал аст.

Хушӯъ:Зиллат ва хам шудан барои азамати Аллоҳ, ба гунае ки таслими қазои кавнӣ ва шаръии Ӯ бошад.

۞Касе, ки дар роҳи рафтан ба сӯи Аллоҳ аст, бояд хавфу раҷо "биму умед"-ро бо ҳам дошта бошад ва ҳеҷ кадомро бар дигаре ғолиб накунад, ки дар ин сурат афтода ва ҳалок мешавад, балки бояд хавфу раҷоро ҳамонанди ду боли паранда бо ҳам дошта бошад.

Ва далели хашият фармудаи Аллоҳ таъолост:"Пас аз онҳо натарсед ва аз Ман битарсед". (1)
Ва далели инобат фармудаи Аллоҳ таъолост:"Ва ба дарбори Парвардигоратон бозгардед ва дар баробари Ӯ таслим шавед". (2)
Ва далели истионат фармудаи Ӯ таъолост:"Танҳо Туро мепарастем ва танҳо аз Ту ёрӣ меҷӯем". Ва дар ҳадис омадааст:"Ва ҳаргоҳ хостӣ кумак биҷӯӣ, пас аз Аллоҳ кумак биҷӯ". (3)
Ва далели истиоза (паноҳ бурдан) фармудаи Ӯ таъолост:"Бигӯ ба Парвардигори субҳ паноҳ мебарам", "Бигӯ ба Парвардигори мардум паноҳ мебарам". (4)
Ва далели истиғоса фармудаи Ӯ таъолост:"(Ба ёд биёред) замонеро (ки аз шиддати нороҳати дар майдони Бадр) аз Парвардигоратон кумак мехостед ва Ӯ хостаи шуморо пазируфт".(5)
Ва далели забҳ (куштани мол) фармудаи Ӯ таъолост:"Бигӯ ҳароина намози ман ва ҳаҷҷу қурбонии ман ва зиндагонии ман ва марги ман ҳама барои Аллоҳ аст, Парвардигори ҷаҳониён, ҳамтое барои Ӯ нест". Ва далел аз суннат:"Аллоҳ лаънат кунад касеро ки барои ғайри Аллоҳ забҳ намояд". (6)

1-Хашият ҳамон хавфе аст, ки бар илми ба азамат ва камоли салтанати касе ки аз ӯ метарсад, бино шуда аст.
2-Инобат:Бозгашт ба сӯи Аллоҳ таъоло ба василаи итоат аз Ӯ ва худдорӣ аз нофармонӣ кардани Ӯ, (ва анибӯ) яъне бозгардед, (ило раббикум ва аслимӯ лаҳу), яъне амри худро ба Аллоҳ бисупор, зеро ту бандаи ва банда бояд таслими оқояш бошад ва сайид Аллоҳ аст, чунон ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармояд:" Сайид Аллоҳ аст".
Истионат:Талаби кумак. "Танҳо Туро мепарастем ва танҳо аз Ту ёрӣ металабем". Дар ин оят чизе ки мустаҳиққи таъхир аст, аввал зикр шудааст. Ва ин далолат

бар ҳаср мекунад, яъне намепарастем ҷуз Туро ва кумак намегирем ҷуз аз Ту.

4-Истиоза:Паноҳ ҷустан, ба маънои ҳимоят шудан дар муқобили чизи нописанд, (аъузу) яъне паноҳ бурда ва чанг задан мезанам.

5-Истиғоса:Талаби ғавс (фарёдрасӣ) ба маънои наҷот додан аз сахтӣ ва ҳалокат аст.

- Истионат, истиоза, истиғоса ва шафоат дуруст аст, ки аз махлуқ дар умуре ки қудрати онро дорад, хоста шавад. Аммо бояд дорои чаҳор шарт бошад. Бояд:зинда, ҳозир, тавоно ва сабаб бошад.

6-Забҳ:Гирифтани руҳ ба василаи рехтани хун ба равиши махсус, забҳ номида мешавад.

Забҳ ба се қисм тақсим мешавад

- Забҳ барои Аллоҳ, монанди ҳадй (ки аз тарафи ҳоҷиён дар рӯзи иди қурбон кушта мешавад), қурбонӣ ва садақаҳо.
- Аз рӯи муҳаббат ва таъзим барои ғайри Аллоҳ забҳ кардан, монанди забҳ кардан барои ҷин ва соҳибони қабрҳо ва ин ширки акбар аст.
- Забҳи мубоҳ, монанди куштани гусфанд ба хотири гушт ва ба хотири эҳтироми меҳмон ва барои тиҷорат.

- Мулоҳаза:Дар мавриди забҳ тафсилоти бештаре вуҷуд дорад, ба амри Аллоҳ дар китоби Тавҳид меояд.

Ва далели назр, фармудаи Ӯ таъоло-ст:"Онҳо ба назри худ вафо мекунанд ва аз рӯзе, ки шарру азобаш густурда аст, метарсанд". (1)

1-Таърифи назр

Дар луғат:Аҳду паймон ва илзом аст.

Дар шаръ:Ба ин маъно аст, ки мукаллаф худро мулзам ба чизе кунад, ки бар ӯ воҷиб нест.

- Мулоҳаза:Назр дорои қисмҳо, шартҳо ва кафора аст, ки тафсили он дар китоби Тавҳид ба амри Аллоҳ меояд.

Навъҳои назр

Назр барои Аллоҳ.

Назр барои ғайри Аллоҳ.

- Муаллиф ин ибодатҳоро зикр кардааст, ба ин хотир нест, ки ибодатҳо танҳо дар ин маҳсур аст, балки инҳоро бар сабили мисол зикр кардааст, чун бисёре аз ибодатҳоро

зикр накардааст ва маҳали шоҳид инҷост, ки ҳар кас чизе аз ин ибодатҳоро, ё ибодатҳои дигарро барои ғайри Аллоҳ анҷом диҳад, мушрик мешавад.

Асли дуюм: Шинохтани дини Ислом ба далелҳо. Ва он барои Аллоҳ фармонбардор шудан ба тавҳид ва сар фурӯ овардан ба тоат ва аз ширку аҳли он бароат (безорӣ) ҷустан аст. Ва он се мартаба дорад:Ислом, имон ва эҳсон. ВА барои ҳар мартаба рукнҳост. Мартабаи аввал Ислом аст. (1) Аркони Ислом панҷтост:Гувоҳӣ додан бар ин ки нест маъбуди барҳақ ба ҷуз Аллоҳ ва ин ки Муҳаммад расули Аллоҳ аст ва барпо дорӣ намозро ва бидиҳӣ закотро ва рӯза дорӣ моҳи Рамазонро ва хонаи Аллоҳро ҳаҷ намоӣ.

1-Муаллиф ба асли дуввум расида аст, ки шинохтани дини Ислом аст ва ин аслро бо таърифи Ислом шурӯъ карда ва гуфтааст.

Мартабаи аввал: Ислом. Он таслим шудан ба Аллоҳ ба василаи тавҳид ва сар фурӯ овардан ба Ӯ ба василаи итоат аз Ӯ ва безорӣ ҷустан аз ширк ва мушрикон аст. Таърифи Ислом ин аст, ки умуратро ба Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло таслим кунӣ, зеро ту бандаӣ ва банда бояд таслими сайидаш бошад ва сайид ҳам Аллоҳ аст, ҳамонтавр ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуда аст. Муаллиф динро ба се мартаба тақсим кардааст:1) Ислом, 2) имон, 3) эҳсон. Аркони Ислом панҷтост, якуми он:Шаҳодат аст.

Пас далели шаҳодат фармудаи Аллоҳ таъолост:"Аллоҳ гувоҳӣ медиҳад, ки маъбуди барҳаққе ҷуз Ӯ нест ва фариштагон ва соҳибони дониш гувоҳӣ медиҳанд, дар ҳоле ки Аллоҳ тадбиркунандаи олам аст ба адл, нест ҳеҷ маъбуди барҳаққе магар Ӯ ғолибу устуворкор аст".

Ва маънои шаҳодат:Нест маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳ, "ла илоҳа" нафйкунандаи ҳамаи чизе, ки ба ҷуз Аллоҳ парастида мешавад, "иллаллоҳ" исботкунандаи ибодат барои Аллоҳи ягона аст, барои Ӯ дар ибодаташ шарике нест, ҳамонгуна ки барои Ӯ дар мулкаш шарике нест. Ва тафсири шаҳодат, ки онро возеҳ мегардонад, фармудаи Аллоҳ таъолост:"Ва (ба хотир биёр) ҳангомеро ки Иброҳим ба падараш ва қавмаш гуфт:Ман аз он чи шумо мепарастед безорам, ҷуз он касе, ки маро офарида, ки ба зуди Ӯ маро ҳидоят хоҳад кард. Ӯ калимаи тавҳидро калимаи поянда дар наслҳои баъд аз худ қарор дод, шояд (ба сӯи Аллоҳ) бозгарданд".

Муаллиф раҳимаҳуллоҳ далели шаҳодат (Ло илоҳа иллаллоҳ)-ро зикр карда ва маънои онро возеҳ баён кардааст: Яъне ҳеҷ маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳ вуҷуд надорад. Бинобар ин бояд ду шаҳодат шомили нафй ва исбот бошад. Нафй дар гуфтаи:"Ла илоҳа" аст, яъне ҳеҷ маъбуди "барҳаққе" вуҷуд надорад. Ва исбот дар гуфтаи: "иллаллоҳ" аст, яъне ба ҷуз Аллоҳ. Ва ин равиш ҳаср ва исботро ифода мекунад, ба ҳайсе ки ибодатро барои Аллоҳи ягона исбот мекунад ва ибодатро аз ғайри Ӯ нафй мекунад. Ва барои ин муаллиф раҳимаҳуллоҳ гуфта аст: Ва тафсири шаҳодат, ки онро возеҳ мегардон-

ад, фармудаи Аллоҳ таъолост:"Ва (ба хотир биёр) ҳангомеро ки Иброҳим ба падараш ва қавмаш гуфт:Ман аз он чи шумо мепарастед безорам, ҷуз он касе, ки маро офарида".
(Аз он чи шумо мепарастед, безорам): Ин маънои "Ла илоҳа" аст. (Ҷуз он касе, ки маро офарид): яъне "иллаллоҳ-ҷуз Аллоҳ" аст.

Ва фармудаи Ӯ: "Бигӯ эй аҳли китоб! Биёед ба сӯи сухане, ки миёни мо ва шумо як аст, ки ҷуз Аллоҳи ягонаро напарастем ва чизеро шарики Ӯ қарор надиҳем ва баъзе аз мо баъзи дигарро ба рубубият напазирад. Пас агар (аз ин даъват) рӯй гардонанд, бигуед:Шоҳид бошед, ки мо мусалмонем". (1)

Агар касе бигӯяд:Маънои шаҳодати (ло илоҳа иллаллоҳ): яъне ҳеҷ маъбуде ҷуз Аллоҳ нест, чӣ мешавад?
Дар ҷавоб мегуем:Ин сухани ботил аст, зеро бо ин сухан, ҳар маъбудеро, ки ба ҷуз Аллоҳ парастиш мешавад, саҳеҳ медонад. Аммо замоне ки мегуем:(Маъбуди барҳақ), ин далел бар ин аст, ки ба ҳар маъбуде ҷуз Аллоҳ парастиш мешавад, куфр меварзад ва ин ки ҳеҷ маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳ нест.
Агар касе бигӯяд:Маънои шаҳодати (ло илоҳа иллаллоҳ), яъне:Ҳеҷ парвардигори барҳаққе ҷуз Аллоҳ нест, чӣ? Мегуем:Ин калом дуруст аст, аммо тафсири (ло илоҳа иллаллоҳ) нест. Ин тавҳиди рубубият аст, ки куффоре ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар миёни онҳо фиристода шуд, иқрор доштанд ва ин иқрорашон онҳоро дар Ислом дохил нанамуд.

1-"Бигӯ эй аҳли китоб! Биёед ба сӯи сухане, ки миёни мо ва шумо як аст", дар ин оят далел бар ботил будани наздик кардани байни динҳост.

1-Муаллиф ин оятро далел барои шаҳодати (ин ки Муҳаммад Расулуллоҳ аст) зикр карда аст. Дар ин оят Аллоҳ шаҳодатро ба се адоти таъкид, таъкид карда аст:Қасами муқаддар, ҳарфи "лом" ва "қад".

2-Муаллиф раҳимаҳуллоҳ маънои шаҳодат ба рисолати Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва салламро баён кардааст ва ин ки барои таҳаққуқи ин шаҳодат, бар ҳар марду зани мусалмон воҷиб аст:Аз Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар ҳар чизе ки ба он амр кардааст, итоат кунад ва ҳар чизеро, ки аз он хабар дода аст, тасдиқ кунад ва аз анҷоми ҳар чизе ки аз он наҳй карда ва ҳушдор дода, худдорӣ кунад. Ва Аллоҳро онгуна ибодат кунад, ки Ӯ салавотуллоҳи ва саломуҳу алайҳи оварда ва қонун гузошта аст.

Ва далели шаҳодати ин ки Муҳаммад расули Аллоҳ аст, фармудаи Ӯ таъолост: "Ба яқин паёмбаре аз миёни шумо ба сӯятон омад, ки ранҷҳои шумо бар ӯ сахт аст ва исрор бар ҳидояти шумо дорад ва нисбат ба мӯъминон рауфу меҳрубон аст". (1)
Ва маънои шаҳодати ин ки Муҳаммад Расулуллоҳ ин аст, ки тоати Ӯ дар он чизе ки амр кард ва тасдиқи Ӯ дар он чизе ки хабар дод ва парҳез кардан аз он чизе ки наҳю заҷр кард ва ин ки Аллоҳ парастида нашавад, магар ба он чизе ки Ӯ машрӯъ намуда аст. (2)

Талаботи шаҳодат ба рисолати Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам ин аст, ки Ӯ бандае аст, ки парастида намешавад ва паёмбаре аст, ки дурӯғгӯ карда намешавад ва ин яъне:

Дар ҳар чизе ки моро ба он амр кардааст, аз Ӯ итоат кунем, зеро Ӯ аз ҷониби Аллоҳ мерасонад.

Ҳар чизеро, ки аз он хабар медиҳад, тасдиқ кунӣ, зеро Ӯ ростгӯ аст ва Аллоҳ низ бар ростгӯияш сиҳат гузоштааст.

Аз ҳар он чизе, ки наҳй карда ва нисбат ба он ҳушдор дода аст, парҳез кунӣ, яъне ҳар чизеро ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз он наҳй кардааст, ба каноре гузошта ва худ дар канори дигар бошӣ.

Аллоҳ субҳонаҳу ва таъолоро фақат бо он чи ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам оварда аст, ибодат кунӣ, ки ин рад бар аҳли бидъат аст.

Ва далели намоз, закот ва тафсири тавҳид фармудаи Ӯ таъолост:"Ва ба онҳо дастур дода нашуда буд, ҷуз ин ки Аллоҳро бипарастанд ва дини худро барои Ӯ холис кунанд ва ба тавҳид боз гарданд ва намозро барпо доранд ва закотро бипардозанд ва ин аст, дини пойдор". (1)
Ва далели рӯза фармудаи Ӯ таъолост:"Эй касоне ки имон овардаед! Рӯза бар шумо фарз шуда, ҳамонгуна ки бар касоне ки пеш аз шумо буданд, фарз шуд, то парҳезгор шавед". (2)
Ва далели ҳаҷ, фармудаи Ӯ таъолост: "Ва барои Аллоҳ аст бар уҳдаи мардумон ҳаҷҷи хонаи Каъба барои касе ки тавонӣ рафтан ба онро дорад ва ҳар ки куфр варзад, яқинан Аллоҳ аз ҷаҳониён бениёз аст".(3)

1-Рукни дуввум:Намоз аст. Ва он парастиши Аллоҳ ба василаи афъол ва гуфторе аст, ки бо такбири эҳром (Аллоҳу акбар) шурӯъ шуда ва бо салом додан тамом мешавад. Намоз сутуни дин аст ва мустақиман аз ҷониби Аллоҳ ва бе ҳеҷ воситае бар Паёмбараш саллаллоҳу алайҳи ва саллам фарз шудааст ва ин дар ҳангоме буд, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба осмон бурда шуд.
2-Рукни сеюм:Закот аст. Закот дар луғат:Ба маънои рушд ва пок шудан аст. Ва он бар ду навъ аст:Закоти бадан ва закоти мол.
3-Рукни чорум:Рӯза аст. Савм дар луғат:Яъне худдорӣ ва даст кашидан аз чизе аст. Дар шариат:Ибодати Аллоҳ ба василаи даст кашидан аз чизҳое аст, ки сабаби ботил шудани рӯза мешавад ва ҳамроҳ бо ният буда, аз дамидани субҳ то нишастани офтоб идома дорад. Рӯза аз бузургтарини ибодат аст, зеро навъҳои сегонаи

сабрро шомил мешавад ва аз азамати шаъни он ин аст, ки Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло подоши онро ба худ нисбат дода аст.
5-Рукни панҷум:Ҳаҷ аст. Ҳаҷ дар луғат:Қасд ва ҳадаф аст. Ва дар шариат:Ибодати Аллоҳ ба василаи адои маносики он мувофиқи он чизе аст, ки дар суннати Мустафо саллаллоҳу алайҳи ва саллам омадааст ва бар ҳар мусалмоне як бор дар умр, фарз аст.

Мартабаи дуюм: Имон аст ва он ҳафтоду чанд шӯъба аст. Баландтарин мартабаи он:"Ла илоҳа иллалоҳ" гуфтан ва пасттарин мартабаи он, дур сохтани озор аз роҳ мебошад. Ва ҳаё шохае аз имон аст.

Ва аркони имон шашто аст: Имон овардан ба Аллоҳ, малоикаҳои Ӯ, китобҳои Ӯ, расулони Ӯ, рӯзи охират ва ба тақдири неку бадаш имон овардан аст.

Ва далели ин аркони шашгона фармудаи Ӯ таъолост:"Некӣ ин нест, ки (ба ҳангоми намоз) рӯи худро ба сӯи машриқ, ё мағриб кунед, балки некукор касе аст, ки ба Аллоҳ ва рӯзи охират ва фариштагон ва китоби Аллоҳ ва паёмбарон имон овардан аст".
Ва далели қадар, фармудаи Ӯ таъолост:"Ба яқин Мо ҳар чизро ба андоза офаридем".

## Мартабаи дуввум:Имон аст.

Имон дар луғат:Иқрор аст.

Ва дар шариат:Бо забон гуфтан ва ба қалб эътиқод намудан ва ба аъзои бадан ва қалб амал намудан, ба тоат зиёд мешавад ва ба маъсият кам мешавад.

Пас имон аз рӯи шариат, бояд дар он панҷ шарт бошад.

Ҳаргоҳ дар яке аз ин панҷ шарт халале ворид шавад, аз таърифи имон назди аҳли суннат ва ҷамоат хориҷ мешавад.

Далел бар ин умури панҷгона чист?

Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "Баландтарини он гуфтани (Ла илоҳа иллаллоҳ)" аст, ин далел бар қавл аст.

"Ва пасттарини он дур кардани оҳор аз роҳ аст", ин амали бадан аст.

"Ва ҳаё", ин амали қалб аст.

Ва фармудаи Ӯ таъоло:"Ин сура имони кадом як аз шуморо афзуд?!", далел бар ин аст, ки имон зиёд мешавад ва агар зиёд шавад, пас кам низ мешавад. Ва нақси дин ба сароҳат дар ин фармудаи Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам зикр шуда аст:"Аз ноқисоти ақл ва дин надидам", пас дин ноқису кам мешавад.

## Аркони имон шаштост

- Имон ба Аллоҳ
- Имон ба малоикаҳо
- Имон ба китобҳо
- Имон ба расулон
- Имон ба рӯзи охират
- Имон ба тақдири нек ва бадаш

## Рукни аввал имон ба Аллоҳ аст ва он чор чизро лозим мегирад

- Имон ба ҳастии Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло, ки ба василаи чор чиз аст
  - Ба василаи ақл:Ақлан муҳол аст, ки махлуқе вуҷуд дошта бошад ва холиқе надошта бошад:"Оё онҳо аз ҳеҷ чиз офарида шуданд, ё худ холиқи (хеш)-анд".
  - Ба василаи ҳис:Вақте дар мушкилот ва сахтиҳо ҳастӣ, дастони худро ба осмон баланд карда ва мегӯӣ:Эй Раб ва мебинӣ ки ин сахтӣ ба амри Аллоҳ ҳал мешавад.
  - Ба василаи фитрат:Ҳар навзоде бар фитрат ба дунё меояд, падару модараш ӯро яҳудӣ, ё насронӣ, ё маҷусӣ мекунанд".
  - Ба василаи шаръ:Ибни Қайим раҳимаҳуллоҳ зикр мекунад, ки ҳеҷ ояте дар Қуръон вуҷуд надорад, магар ин ки далел бар тавҳид аст.
- Имон ба тавҳиди рубубият
- Имон ба тавҳиди улуҳият
- Имон ба тавҳиди исмҳо ва сифатҳо

## Рукни дуввум:Имон ба малоика

Малоика олами ғайбӣ ҳастанд, ки Аллоҳ онҳоро аз нур халқ кардааст. Аллоҳро итоат карда ва Ӯро нофармонӣ намекунанд ва дорои руҳ ҳастанд:(Руҳулқудус) ва ҷисм доранд:"(Касе) ки фариштагонро расулоне қарор дод, дорои болҳои дугона ва сегона ва чаҳоргона, ҳарчи бихоҳад дар офариниш меафзояд". Ва дорои ақл ва қалб ҳастанд:"То замоне ки изтироб (ва нигаронӣ) аз дилҳояшон бартараф шавад, гӯянд:Парвардигоратон чӣ гуфт?".

Ба онҳо ба номҳое, ки Аллоҳ ба мо ёд дода монанди: Ҷибраил, Микоил ва Исрофил ва ба сифаташон имон меорем (Аллоҳро ба он чизе, ки онҳоро амр кардааст, бефармонӣ намекунанд ва он чиро, ки ба онҳо амр мешавад, анҷом медиҳанд". Ва ба амалҳои онҳо, монанди бардорандагони Арш ва ба ахборе, ки дар мавриди онҳо ба сурати муҷмал ва ба сурати муфассал омада аст, имон меорем.

## Рукни сеюм:Имон ба китобҳо

Воҷиб аст, ки имон дошта бошем, ки ин китобҳо каломи ҳақиқии Аллоҳ ҳастанд ва маҷоз нестанд. Аз ҷониби Аллоҳ нозил шуда ва махлуқ нестанд. Ва Аллоҳ ҳамроҳ бо ҳар расуле, китобе нозил карда аст. Ба онҳо имон оварда ва низ ба ҳар чизе ки Аллоҳ дар мавриди онҳо моро бохабар карда, монанди:Исм, ахбор ва аҳкоми муҷмал ва муфассали онҳо, то вақте ки мансух нашудааст, имон меорем ва имон дорем, ки Қуръон носихи ҳамаи китобҳои қабл аз худ аст, ки ин китобҳо: Таврот, Инҷил, Забур ва Суҳуфи Иброҳим ва Мусо мебошад.

## Рукни чорум:Имон ба расулон

Воҷиб аст имон дошта бошем, ки онҳо башар буда ва ҳеҷ кадом аз хасоиси рубубият (парвардигори)-ро надоранд ва онҳо ҳама бандагони Аллоҳ ҳастанд ва мавриди парастиш қарор намегиранд. Аллоҳ онҳоро фиристода ва ба сӯи онҳо ваҳй карда аст. Ва онҳоро ба василаи нишонаҳое мавриди таъйид қарор дода ва онҳо амонатро адо карда ва умматро насиҳат карда ва паёми Аллоҳро расонидаанд. Дар роҳи Аллоҳ онгуна, ки бояд ҷиҳод кунанд, ҷиҳод карданд. Ба онҳо ва исмҳояшон ва сифатҳояшон, ки Аллоҳ моро аз онҳо бохабар сохтабарҳои онҳо, ки ба сурати муҷмал ва муфассал омад, имон дорем. Ва имон дорем, ки аввалин паёмбар, Одам алайҳис салом аст ва аввалин расул, Нуҳ алайҳис салом мебошад ва хотами анбиё ва расулон, Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам мебошад ва шариатҳои гузашта ҳама ба василаи шариати Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам мансух шудаанд. Ва паёмбарони улулазм панҷ нафар ҳастанд, ки дар сураи Шуро ва Аҳзоб зикр шудаанд:"Муҳаммад, Нуҳ, Иброҳим, Мусо ва Исо алайҳимус салом".

## Рукни панҷум:Имон ба рӯзи охират

Дарбаргирандаи имон ба ҳамаи хабарҳое аст, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар мавриди аҳволи баъд аз марг ба мо хабар додааст, монанди:Фитнаи қабр, дамидан дар сур, хестани мардум аз қабрҳояшон, мизон (тарозу), саҳифаҳои амалҳо, пули сирот, ҳавз, шафоат, Биҳишт, Ҷаҳаннам, дидани мӯъминон Парвардигорашонро дар рӯзи қиёмат, дар Ҷаннат ва дигар амрҳои ғайбӣ.

Рукни шашум:Имон ба тақдир, чи нек бошад ва чи бад

Ин рукн дарбаргирандаи ин аст, ки ба чаҳор чиз имон дошта бошем

- Илм: Имон дошта бошем ба ин ки Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло ҳамаи чизро медонад
- Китобат:Имон дошта бошем, ки Аллоҳ миқдори ҳар чизеро, то замоне ки қиёмат барпо мешавад, навишта аст
- Машийят:Имон дошта бошем, ки ҳар чи Аллоҳ бихоҳад, мешавад ва ҳар чиро нахоҳад, намешавад. Ва банда низ дорои машийят аст ва машийяти банда тахти машийяти Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло дохил мешавад.
- Халқ:Имон дошта бошем, ки банда ва аъмолаш ва низ ҳамаи коинот махлуқ ҳастанд. Далел: (Аллоҳ офаринандаи ҳамаи чиз аст) ва (Ва Аллоҳ шумо ва он чизеро, ки мекунед, офарид)

Ва ин мартабаҳои чоргонаро шоир дар ин байт ҷамъ оварда аст: علم، كتابة مولانا، مشيئته وخلقه وهو إيجاد وتكوين

Илм, навистани мавлоямон, машийяти Ӯ ва халқи Ӯ ва он эҷод ва таквин (пайдо кардан) аст.

Мартабаи сеюм: Эҳсон аст.Эхсон як рукн аст ва он парастидани Аллоҳ, гӯё ту Ӯро мебинӣ, пас агар ту Ӯро набинӣ, дар ҳақиқат Ӯ туро мебинад. Ва далел, фармудаи Ӯ таъолост:"Ҳамоно Аллоҳ бо касоне аст, ки тақво карданд ва касоне, ки некӯкоранд". Ва фармуҷдаи Ӯ:"Ва бар (Аллоҳи) тавоно ва меҳрубон, таваккал кун, ҳамон касе, ки туро ба ҳангоме ки (барои ибодат) бармехезӣ мебинад ва (низ) ҳаракати туро дар миёни саҷдакунандагон (мушоҳида мекунад). Ӯст шунаво ва доно".

Мартабаи сеюм:Эҳсон аст. Эҳсон болотарин мартаба аз мартабаҳои дин аст ва як рукн бештар надорад ва худ дорои ду мартаба аст

Ибодати мушоҳада:Он мбодат аз рӯи муҳаббат ва рағбату шавқ барои он чи назди Аллоҳ аст, мебошад. Мисоли он ибодати анбиё ва расулон алайҳимус салом аст ва дигарон низ метавонанд ба ин мартаба даст ёбанд.

Ибодати муроқибат. Он ибодати хавф ва фирор аст ва ибодати ҳеҷ мусалмоне пз ин мартаба хориҷ нест.

Тавзеҳ:Маънои эҳсон ин нест, ки касе ки соҳиби ин мартаба аст, фақат муҳаббати Аллоҳро дошта ва аз Ӯ субҳонаҳу ва таъоло тарс надорад. Аммо дар ин мартаба, қавитарин ангезае, ки бандаро ба сӯи ибодат мекашад, яъне муҳаббати Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло вуҷуд дорад, ки фармудаи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам:"Оё бандаи шукргузор набошам" аз ин қабил аст.

Ва далели ин аз Суннат ҳадиси машҳури Ҷибраил  аст. Аз Умар разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки гуфт: Вақте мо назди Паёмбари Аллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам нишаста будем, рӯзе дидем, ки марде омад, ҷомааш сахт сафед буд ва муҳояш сахт сиёҳ буд, бар Ӯ асари сафар дида намешуд ва касе аз мо Ӯро намешинохт , то ин ки назди Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам нишаст ва ду зонуи худро ба ду зонуи Паёмбар часпонид ва ду дасташро бар ду ронаш ниҳод ва гуфт: Эй Муҳаммад маро дар бораи Ислом хабар деҳ?! Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: Ислом ин аст, гувоҳи диҳӣ, ки нест маъбуди барҳақ ҷуз Аллоҳ ва ин ки Муҳаммад фиристодаи Аллоҳ аст ва барпо бидорӣ намозро ва бидиҳи закотро ва рӯза бидорӣ моҳи рамазонро ва ба ҳаҷ биравӣ агар тавонои роҳи онро дошта бошӣ. Он мард гуфт:Рост гуфтӣ. Мо тааҷҷуб кардем, савол мекунад ва тасдиқ менамояд. Гуфт: Пас маро аз имон хабар деҳ. Гуфт: Имон ин аст, ки ба Аллоҳ ва малоикаҳои Ӯ ва китобҳои Ӯ ва расулони Ӯ ва рӯзи охират имон биёрӣ ва ба расулони Ӯ ва рӯзи охират имон биёрӣ ва ба тақдири неку бадаш имон биёрӣ. Гуфт: Рост гуфтӣ. Он мард гуфт: Маро аз эҳсон хабар деҳ. Гуфт: Эҳсон ин аст, ки бипарасти Аллоҳро гӯё ту Ӯро мебинӣ, пас агар ту Ӯро набинӣ, дар ҳақиқат Ӯ туро мебинад. Он мард гуфт: Маро аз рӯзи қиёмат хабар деҳ. Гуфт: пурсидашуда дар ин масъала аз пурсанда донотар нест. Он мард гуфт: пас маро аз нишонаҳои қиёмат хабар деҳ. Гуфт: Ин ки каниз оқояшро бизояд ва ин ки бубинӣ пову тан бараҳнагон, бенаво, чупонӣ гӯсфандро, ки бар бардоштани қасрҳо зиёдаравӣ мекунанд. Ровӣ гуфт: Пас он мард рафт, мо андаке истодем, пас Паёмбар салллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд:«Эй Умар оё медонӣ пурсанда кист?» Гуфтам: Аллоҳ ва расулаш донотар аст, Фармуд: Ин Ҷибраил аст, омад, то амри дини шуморо ба шумо таълим диҳад».

Ин ҳадис далел аст бар аркони Ислом, имон ва эҳсон. Дар фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам:"Саволшаванда донотар аз пурсанда (дар мавриди вақти қиёмат) нест, далел бар ин аст, ки Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам вақти барпо шудани қиёматро намедонад, танҳо Аллоҳ медонад.

Фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам:
"Каниз оқои худро бизояд".

Ба маънои:Бисёр шудани уқуқи волидайн аст.

Ба маънои:Бисёр шудани канизон ва ғуломон аст.

Ба маънои:Тағйир ёфтани аҳвол аст.

Ба маънои ин аст, ки ҳоким бо канизе издивоҷ карда ва аз ӯ писардор мешавад ва ин писар баъд аз вафоти падараш, ҳоким мешавад ва оқои модараш ба ҳисоб меояд.

" وأن ترى الحفاة العراة العالة", ал-ъола, яъне фақирон.

" العالة رعاء الشاء يتطاولون في البنيان", яъне ҳолатҳо тағйир меёбад, ин фақир табдил ба як одами хело бой мешавад.

**Он чи аз ҳадиси Ҷибраил алайҳис салом истифода бурда мешавад:**

1-Бар толиби илм шаш ҳақ аст:Ҳаққи нафс, ҳаққи шайх, ҳаққи ҷое, ки дар он дарс мехонад, ҳаққи ҳамсабақонаш, ҳаққи китоб ва ҳаққи илме, ки онро таълим мегирад.

-Ҳаққи нафс:Илм ибодат аст (ихлос ва пайравӣ аз Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам), салафии ҳақиқӣ бош, хашийят, муроқабат, тавозӯъ ва раҳо кардани кибру ғурур. Қаноат ва зуҳд ва ороста шудан ба асари илм, шахсият, таматтӯъ ёфтан ба хислатҳои мардонагӣ, тарки рафоҳият (хушзистӣ), аз маҷлисҳои беҳуда рӯй гардондан, ба нармӣ, устуворӣ ва баррасӣ ороста шудан.

Ҳиммат, рағбат барои талаби илм, барои талаби илм сафар кардан, навиштани илм, эҳсоси масъулият, **муроҷиати ҳифзкардаҳо**, ёд гирифтани арза кардани масъалаҳои фаръӣ бар усул, ба Аллоҳ паноҳ бурдан, амонати илмӣ, сидқ (ростӣ).

Биҳишти толиби илм ин аст, ки бигӯяд:"Намедонам", бар сармояаш (яъне вақт) муҳофизат намояд, нигаҳ доштани нафс, (сақофаи омма) мутолиа барои тасҳеҳ ва барои фаҳм, мутолиаи китобҳои тулонӣ.

Хуб савол кардан ва сипас гуш додан ва фаҳмидан ва амал кардан, бемиро мунозара кардан, музокараи илм, байни Қуръон ва суннат ва улуми ин ду қарор дошта бош, дар комил кардани адавоти ҳар фан саъй намудан.

Амал, аз дӯст доштани риёсат ва шуҳрат ва дунё гурехтан.

Ба нафси худ гумони бад доштан ва ба мардум гумони нек доштан.

Закоти илм ( ҳамеша ҳақгӯ бошад, бисёр амри ба маъруф ва наҳй аз мункар кунад ва байни масолеҳ ва мафсадаҳо

бисанҷад), нošири илм бошад, ба мардум нафъ расонданро дӯст дошта бошад ва мақом ва шафоати худро барои мусалмонон дар корҳои ҳақ ва маъруф ба кор барад.

Иззат, нигаҳ доштани илм, мадорот на мудоҳана, тарки таолум (олимнамоӣ) ва садорат пеш аз аҳлият ёфтан.

Ҷои ту дар муқобили хатои олим ва ихтилофи олимон.

Дафъи шубҳаҳо, на қавмгароӣ ва ҳизбгароӣ, ки дӯст доштану бад дидани худро бар онҳо қарор диҳад.

-Ҳаққи шайхаш:Ва мардум дар ин маврид ба се гурӯҳ ифротӣ (зиёдаравӣ), тафритӣ ва миёнарав тақсим мешаванд. Ва хоҳем хонд, ки аввалин ширке, ки дар замин ба вуҷуд омад, ба сабаби  шубҳаи ғулув (зиёдаравӣ) дар ҳаққи накукорон буд. Бинобар ин бояд шамеша миёнарав буда ва ифрот ва тафрит надошта бошем.

-Ҳаққи маконе, ки дар он дарс мехонад.

-Ҳаққи ҳамдарсаш:Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло мефармояд: "Шумо беҳтарин гурӯҳе ҳастед, ки ба сӯи мардум хориҷ шудаед" ва Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуда аст:"Ҳеҷ кадоми аз шумо мӯъмин нест, то вақте ки он чиро барои худ дӯст дорад, барои бародараш низ бихоҳад".

-Ҳаққи китоб:Аз китобаш нигаҳдорӣ кунад, зеро Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло бо ин китобҳо ба мо лутф кардааст ва бояд онҳоро ҳифз кунем.

-Ҳаққи илм:Ба василаи хуб ёд гирифтани илм ва муроҷиаи доимии он ва амал ба он, зеро бар касе ки чизе ёд мегирад, воҷиб аст, ки ба он амал кунад, сипас ба ин илм даъват намояд, зеро ин илм неъмат буда  ва бояд шукри ин неъматро ба ҷой орад.

2-Аз одоби савол ин аст, ки аввал саволеро бипурсад, ки умед дорад нафъ ва фоидае дар он вуҷуд дорад.

3-Толиби илм бояд бикушад, ки зоҳираш некӯ буда ва бар ҳифзи зоҳири некӯяш муҳофизат кунад.

4-Баъд аз вафоти Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам дуруст нест, ки гуфта шавад:Аллоҳ ва расулаш донотар аст, балки гуфта мешавад:Аллоҳ донотар аст.

Асли сеюм, шинохтани паёмбаратон Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам мебошад.
Он Муҳаммад писари Абдуллоҳ писари Абду-л-муталиб писари Ҳошим ва Ҳошим аз Қурайш ва Қурайш аз араб ва араб аз фарзандони Исмоил писари Иброҳим Халил, бар Ӯ ва бар Паёмбари мо салоту салом нозил бод, мебошад. Шасту се сол умр дошт, чил сол пеш аз нубуват (Паёмбарӣ) ва бисту се сол набию расул буд, ба «Иқра» набӣ ва ба «Муддассир» расул шуд ва ватанаш Макка аст ва ба сӯи Мадина ҳиҷрат кард.

Ин банд бар гушае аз Паёмбар салавотуллоҳи ва саломуҳу алайҳ ва исми, насаб, умр ва ва қисмате аз даъвати Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва салламро шомил мебошад.

Бояд дар бораи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам амрҳоеро бидонем, аз ҷумла:

- Ном ва насаби:Ӯ Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ибни Абдулмутталиб ибни Ҳошим ва Ҳошим аз Қурайш буда ва Қурайш аз араб ва араб аз насли Исмоил ибни Иброҳими Халил алайҳимус салом аст
- Умр:Ӯ 63 сол умр доштанд, ки чиҳил соли он пеш аз паёмбарӣ ва бисту се соли он баъд аз паёмбарӣ буд.

Замони паёмбарии Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба ду қисм тақсим мешавад:

1-Аҳди Маккӣ:13 сол идома дошт.

2-Аҳди Маданӣ:10 сол идома дошт.

Оё Ӯ алайҳис салоту ва салом набӣ аст, ё расул?

Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам ҳам набӣ аст ва ҳам расул. Бо нузули сураи Иқра ба нубувват расида ва сипас бо сураи Мудассир фиристода шуданд.

Ӯро Аллоҳ фиристод, то аз ширк бим диҳад ва ба сӯи тавҳид даъват намояд ва далели ин фармудаи Аллоҳ таъолост: «Эй ҷома ба худ печида (аз ҳайбати ваҳй), бархез пас битарсон ва Парвардигоратро бузург бишумор ва либосатро покиза дор ва аз палиди дурӣ кун ва набояд, ки чизе бидиҳӣ (дар иваз) зиёда талаб кунӣ ва барои (ҳукми) Парвардигорат, пас сабр кун».
[Сураи Муддассир, ояти 1-7].
Ва маънои «Бархез, пас битарсон» аз ширк бим медиҳад ва ба сӯи тавҳид даъват мекунад «ва Парвардигоратро бузург бишумор» яъне ба тавҳид Ӯро бузург бишумор ва «либосатро покиза дор» яъне амалҳоятро аз ширк пок соз «ва аз палиди (бутҳо) дурӣ кун» руҷӯъ бут ва ҳаҷри он тарки он ва аз он ва аҳли он бароат ҷустан.
Даҳ сол ба сӯи тавҳид даъват мекард ва баъди даҳ сол ба сӯи осмон бурда ва бар Ӯ панҷ вақт намоз фарз гардонида шуд ва дар Макка се сол намоз гузорид ва баъди он ба ҳиҷрат кардан ба сӯи Мадина амр карда шуд.

Гушае аз саргузашти Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам.

Даъват дар аҳди Маккӣ дар мавзӯи тавҳид ва тарки ширк ва холис гардондани ибодат барои Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло қарор дошт ва ин даъват 13 сол идома ёфт. Сипас Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам дастур ёфт, ки ба Мадина ҳиҷрат кунад. Дар онҷо низ даъват бар пояи тавҳид устувор буда ва боқии аҳкоми дин шомили ибодатҳо ва муомалот ва умури зиндагӣ низ дар ин аҳд, нозил шуд. Касе ки дар саргузашти Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам назар кунад, дармеёбад, ки даъват ба тавҳид ҳамвора дар зиндагии Ӯ истимрор доштааст, то вақте ки Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло Ӯро вафот дод. Ва дар ин мавзӯъ ба вузуҳ рад бар касоне аст, ки мардумро аз таълими тавҳид бениёз

дида ва даъво доранд, ки барои ёдгирии тавҳид фақат ба чанд дақиқаи андаке эҳтиёҷ аст.

Қавли муаллиф раҳимаҳуллоҳ, ки мегӯяд:"Ӯро ба осмон боло бурда шуд", аз он чунин дармеёбем:

1-Ҳар чи аз умури ғайбӣ, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар мавриди он ба мо хабар додааст, мегӯем:Имон овардем, тасдиқ кардем ва таслим шудем.

2-Аҳамияти намозҳои фарз, ки Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло онро дар осмон фарз кардааст.

Ва ҳиҷрат интиқол (кучидан) аз билоди (шаҳри) ширк ба сӯи билоди Ислом мебошад. Ва ҳиҷрат бар ин уммат аз балади ширк ба сӯи балади Ислом фарз аст ва он то барпо шудани қиёмат боқӣ аст.

Ва далели ин фармудаи Аллоҳ таъоло: “Албатта касоне ки фариштагон ҷони онҳоро гирифтанд, дар ҳоле ки ба худ зулм карда буданд, ба онҳо гуфтанд: Шумо дар чӣ ҳол будед? Гуфтанд: Мо дар сарзамини худ таҳти фишор ва мустазъаф будем. Онҳо гуфтанд: Магар замини Аллоҳ паҳновар набуд, ки муҳоҷират кунед?! Онҳо (узре надоштанд) ва ҷойгоҳҳашон дӯзах аст ва бозгашти баде доранд, ҷуз он даста аз мардон, занон ва кудаконе, ки ба ростӣ таҳти фишор қарор гирифтаанд, на тавони чораҷуи доранд ва на роҳе (барои наҷот аз он муҳит) меёбанд. Умед аст Аллоҳ онҳоро мавриди авф қарор диҳад ва Аллоҳ бахшанда ва омурзанда аст”. [Сураи Нисо, ояти: 97-99].

Ва фармудаи Аллоҳ таъоло: “Эй бандагони ман, ки имон овардаед! Замини Ман густурда аст, пас танҳо Маро бипарастед (ва ҳиҷрат кунед ва дар баробари фишорҳои душманон таслим нашавед)”. [Сураи Анкабут, ояти: 56].

Бағавӣ раҳимаҳуллоҳу таъоло гуфт:Сабаби нузули ин оят дар ҳаққи мусалмононе аст, ки дар Макка мондану ҳиҷрат накарданд, ононро Аллоҳ ба номи имон (мӯъмин) нидо кард.

Ва далел бар ҳиҷрат аз суннат фармудаи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аст: “Ҳиҷрат қатъ намешавад, то ки тавба қатъ шавад ва тавба қатъ намешавад, то ки офтоб аз офтобшин тулӯъ кунад”.

- Ҳиҷрат ба се қисм тақсим мешавад
  - Ҳиҷрат аз диёри куфр ба сӯи диёри Ислом, ҳукми ин ҳиҷрат воҷиб аст.
  - Ҳиҷрат аз Макка ба сӯи Мадина, ин ба сабаби фатҳи Макка қатъ шуд.
  - Ҳиҷрат аз ҳар он чи аз амалҳо ва шахсҳо ва замон ва маконҳо, ки Аллоҳ тарки онро воҷиб гардондааст.

Тарки амал:Ҳар он чизе ки Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло онро ҳаром кардааст, ки дар сари онҳо:Ширк мебошад.

Тарки амалкунанда:Кофирон, мунофиқон ва монанди онҳо.

Тарки замон:Тарки замонҳое, ки кофирон дар онҳо ҷашн мегиранд.

Тарки макон:Тарки маконҳое, ки  кофирон дар онҳо ҷашн мегиранд.

❁Тавба ба василаи яке аз ин ду чиз қатъ мешавад:

1-Баромадани офтоб аз мағриб.

2-Ҳангоми вафот:"Ва тавба барои касоне, ки бадиҳоро анҷом медиҳанд, нест, ки вақте замони марги яке аз онҳо фаро расид, бигӯяд:Ҳоло тавба кардам ва низ тавба барои касоне нест, ки дар ҳол мемиранд, кофир ҳастанд".

❁Фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам:"Баъд аз фатҳи Макка ҳиҷрат вуҷуд надорад", яъне ҳиҷрат аз Макка ба Мадина вуҷуд надорад ва дар ин ҳадис ишораи Расулуллоҳ

саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба ин аст, ки имкон надорад Макка ба диёри куфр баргардад.

Пас ҳангоме ки дар Мадина қарор гирифт ба бақияи шариатҳои Ислом монанди закот (1), рӯза, ҳаҷ, азон, ҷиҳод, амри ба маъруф, наҳй аз мункар ва ғайра аз шариатҳои Ислом амр кард, бар ин даҳ сол амал намуд ва баъди он миро-нида шуд, салавоту саломи Аллоҳ бар вай бод (2) ва дини вай боқӣ аст.

Ва ин дини вай аст, хайре нест магар умматро бар он далолат карда ва шарре (бадие) нест магар умматро аз он ҳазар кунонда аст ва хайре, ки умматро бар он далолат кардааст.

Тавҳид ва ҳамаи он чизе, ки Аллоҳ онро дӯст медорад ва аз он розӣ мешавад, мебошад. Ва шарре, ки аз он ҳазар ку-нонда аст: Ширк ва ҳамаи он чизе, ки Аллоҳ онро бад мебинад ва рад менамояд, мебошад (3).

1-Шайх Ибни Усаймин раҳимаҳуллоҳ мегӯяд:"Закот аввал дар Макка фарз шуд, аммо миқдори нисоб ва миқдоре, ки воҷиб аст, пардохт шавад, муайян нашуд ва дар Мадина миқдори нисобҳо ва миқдоре, ки воҷиб аст ба унвони закот пардохт кунад, таъйин шуд".

2-Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар соли ёздаҳуми ҳиҷрӣ аз дунё рафта ва дар ҳуҷраи Оиша разияллоҳу анҳо дафн шуданд.

3-"Ҳеҷ хайре набуда, магар ин ки умматро ба сӯи он раҳнамун карда ва ҳеҷ шарре набуда, магар ин ки умматро аз он барҳазар доштааст", бояд шаҳодат диҳем, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам амонатро адо карда ва рисолатро расонида ва умматро насиҳат карда ва дар роҳи Аллоҳ онгуна, ки мебоист ҷиҳод кунад, ҷиҳод кардааст ва моро бар роҳи равшан тарк кардааст, ки

шаби он ҳамонанди рӯз равшан буда ва касе ҷуз ҳалокшаванда аз он каҷ намешавад.

- Бузургтарин ҳаромкардаҳо
  - Ширки акбар (ки шахсро аз дин хориҷ мекунад).
  - Ширки асғар (ки шахсро аз дин хориҷ намекунад).
  - Гуноҳони кабира (ҳар гуноҳе, ки уқубати хоссе барои он дар назар гирифта шудааст).
  - Гуноҳони сағира (ҳар гуноҳе, ки уқубати хоссе барои он дар назар гирифта нашудааст).

Аллоҳ Ӯро ба сӯи ҳамаи мардум фиристод ва тоаташро бар сақалайн, ҷинну инсон фарз гардонид ва далели ин фармудаи Аллоҳ таъолост:Бигӯ: Эй мардум! Ман фиристодаи Аллоҳ ба сӯи ҳамаи шумо ҳастам. (1)
Ва Аллоҳ ба сабаби Ӯ динро комил кард ва далели ин фармудаи Аллоҳ таъолост: “Имрӯз дини шуморо баройтон комил кардам ва неъмати худро бар шумо тамом намудам ва Исломро ба унвони оини (ҷовидони) шумо пазируфтам”. (2)
Ва далел бар мавти Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармудаи Аллоҳ таъолост:Ба яқин Ту мемирӣ ва онҳо низ хоҳанд мурд, сипас шумо рӯзи қиёмат назди Парвардигоратон хусумат мекунед.

1-Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба сӯи ҳамаи мардум фиристода шудааст ва бо фиристодани Ӯ, ҳар дине қабл аз Ӯ мансух шудааст. Бинобар ин яҳуд ва насоро дар замони Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ва дар замони мо имрӯз, вақте даъват ба онҳо бирасад, аммо дар дин надароянд, кофир ҳастанд, ҳатто агар бар ҳамон дине бошанд, ки Мусо ва Исо бар он буданд. Аз далелҳои он:

1). Фармудаи Ӯ субҳонаҳу ва таъоло:"Бигӯ:Эй аҳли китоб, биёед ба сӯи калимае, ки дар байни мо ва шумо яксон аст, ин ки ҷуз Аллоҳро напарастем ва чизеро шарики Ӯ қарор надиҳем".
2). Фармудаи Ӯ субҳонаҳу ва таъоло:"Биҷангед бо касоне аз аҳли китоб, ки ба Аллоҳ ва рӯзи қиёмат имон наёварда ва он чиро Аллоҳ ва расулаш ҳаром медонанд, ҳаром намедонанд ва ба дини ҳақ гардан намениҳанд".
3). Фармудаи Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам:"Қасам ба касе, ки ҷонам дар дасти Ӯст, ҳеч

яҳудӣ ва насронӣ нест, ки сухани маро бишнавад, сипас ба ман имон наёварад, магар ин аҳли оташ аст".

2-Дар ин оят рад бар аҳли бидъат аст.

## Панҷум:Хотима

Ва мардум ҳаргоҳ бимиранд, барангехта мешаванд ва далели ин фармудаи Аллоҳ таъолост:“Мо шуморо аз он (замин) офаридем ва ба он бозмегардонем ва бори дигар (дар қиёмат) шуморо аз он берун меорем”.
Ва фармудаи Аллоҳ таъоло:“Ва Аллоҳ шуморо ҳамчун гиёҳе аз замин руёнид, сипас шуморо ба замин боз мегардонад ва бори дигар шуморо хориҷ месозад”.
Ва баъди барангехтан ҳисоб карда мешаванд ва тибқи амалҳояшон ҷазо дода мешаванд ва далели ин фармудаи Аллоҳ таъолост: “Ва барои Аллоҳ аст он чи дар осмонҳо ва он чи дар замин аст, то бадкоронро ба ҷазои корҳояшон бирасонад ва некукоронро дар баробари амалҳояшон подоши (нек) диҳад”. (1)
Ва касе баъс (зинда шудани пас аз марг)-ро инкор кунаду дурӯғ шуморад, кофир мешавад ва далели ин фармудаи Аллоҳ таъолост:“Кофирон пиндоштанд, ки ҳаргиз барангехта намешаванд, бигӯ: Оре ба Парвардигорам савганд, ки ҳамаи шумо (дар қиёмат) барангехта хоҳед шуд, пас ба он чи амал мекардед хабар дода мешавед ва ин барои Аллоҳ осон аст”. (2)

Ва Аллоҳ ҳамаи расулонро башоратдиҳанда ва бимдиҳанда фиристод ва далели ин фармудаи Аллоҳ таъолост: “Паёмбароне, ки башоратдиҳанда ва бимдиҳанда буданд, то баъд аз (омадани) ин паёмбарон, ҳуҷҷате барои мардум дар баробари Аллоҳ боқӣ намонад”.
Ва аввали онон Нӯҳ алайҳи-с-салом ва охири онон Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам аст ва Ӯ хатмкунандаи паёмбарон аст ва далел бар ин ки аввали онон Нӯҳ алайҳи-ссалом аст, фармудаи Аллоҳ таъолост: “Мо ба Ту ваҳй фиристодем ҳамонгуна ки ба Нӯҳ ва паёмбарони баъд аз Ӯ ваҳй фиристодем”. (3)

1-Ҳамаи мардум бешак таъми маргро хоҳанд чашид ва барои рӯзи бузург, барангехта хоҳанд шуд, ки ҳамон рӯзи қиёмат аст ва сипас ҳисоб карда шуда ва ҳар кас бар мувофиқи амалаш подош дода мешавад.

2-Касе ки қиёмат ва ҳисобу китоби онро дурӯғ шуморад, кофир мешавад, зеро рукне аз аркони имонро мункир шудааст.

3-Нуҳ алайҳис салом аввалин расул аст ва далели он фармудаи Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло аст:"Мо ба сӯи Ту ваҳй кардем, ҳамонгуна ки ба сӯи Нуҳ ва анбиёи баъд аз Ӯ ваҳй кардем". Аммо аввалин набӣ Одам алайҳис салом аст ва далели он ин аст, ки аз Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар бораи Одам пурсида шуд, ки оё Ӯ набӣ аст? Фармуд:"Паёмбарест, ки бо Ӯ сухан карда шуда аст". Охирини паёмбарон ва расулон Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам аст, далели он фармудаи Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло аст: "Муҳаммад падари ҳеҷ як аз мардони шумо нест, балки Ӯ расули Аллоҳ ва хотами паёмбарон аст".

Пас, бинобар ин ҳар кас баъд аз Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам иддиои нубувват ва рисолат кунад, дурӯғгӯ ва кофир аст ва ҳар кас низ ки ин даъвогарро тасдиқ кунад, монанди ӯ кофир аст.

Ва Аллоҳ бар ҳамаи бандагон куфри ба тоғут ва имони ба Аллоҳро фарз гардонида аст. Ибни Қайим раҳимаҳуллоҳу таъоло фармуд:Маънои тоғут гузашт-ани банда ҳаддашро аз маъбуд, ё матбуъ, ё мутоъ мебошад. Ва ҳар уммате, ки Аллоҳ ба сӯи он расуле фиристод, аз Нӯҳ алайҳис салом то Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам ононро ба ягона парастидани Аллоҳ амр мекард ва аз парастидани тоғут боз медошт. Ва далели ин фармудаи Аллоҳ таъолост:"Мо дар ҳар уммате расуле фиристодем, ки Аллоҳи ягонаро бипарастед ва аз (парастиши) тоғут парҳез кунед".

Ва тоғутҳо бисёр аст ва асоси онҳо панҷто аст:

1-Иблис лаъанаҳуллоҳ. 2-Ва касе парастида шавад ва Ӯ розӣ бошад. 3-Ва касе мардумро ба парастиши худаш даъват кунад. 4-Ва касе чизе аз илми ғайбро даъво кунад. 5-Ва касе ба ҷуз он чи Аллоҳ нозил карда аст, ҳукм кунад. Ва далели ин фармудаи Аллоҳ таъолост:"Икроҳе дар қабули дин нест, (зеро) роҳи дуруст аз роҳи инҳирофӣ равшан шуда аст. Бинобар ин, касе ки ба тоғут (бут, шайтон ва ҳар мавҷуди туғёнгар) кофир шавад ва ба Аллоҳ имон орад, ба маҳкамтарин дастовез чанг зада аст, ки онро гусастан нест ва Аллоҳ шунаво ва доност". Ва ин маънои "Ло илоҳа иллаллоҳ" аст. Ва дар ҳадис омадааст: "Ислом асоси кор аст ва сутунаш намоз ва қулаи баландаш ҷиҳоди дар роҳи Аллоҳ мебошад". Ва Аллоҳ донотар аст. Ва салоту саломи Аллоҳ бар Муҳаммад ва аҳли Ӯ ва ҳамсуҳбатонаш нозил бод.

Аллоҳ паёмбарон ва анбиёро башоратдиҳанда ва бимдиҳанда фиристода аст ва ҳамаи онҳо дар даъват ба тавҳид ва ҷангидан бо тоғут ва ширк бо ҳамаи навъҳояш муштарак ҳастанд. Далели он, фармудаи Ӯ субҳонаҳу ва таъоло аст:"Ва дар миёни ҳар уммате, расуле фиристодем", яъне дар миёни ҳар қавме "ки Аллоҳро бипарастед", яъне Аллоҳро ягона бидонед "аз тоғут иҷтиноб кунед", яъне тоғутҳро як тараф гузошта ва худ дар тарафи дигар бошед ва ин тарзи баён, балеғтарин равиш барои ҳушдор ва дӯрӣ аз онҳост, ки ҷузъе аз муҳаққақ сохтани ақидаи безорӣ аз ширк ва мушрикон аст.

Ва Аллоҳ бар ҳамаи бандагонаш фарз кардааст, ки ба тоғут куфр варзида ва ба Аллоҳ имон биёранд ва бояд қабл аз ин ки ба Аллоҳ имон биёранд, аввал ба тоғут куфр биварзанд:"Пас касе ки ба тоғут куфр варзида ва ба Аллоҳ имон орад".

Ва тоғут:Ҳар чизе аз маъбудҳо (монанди сангҳо ва дарахтон), ё пайравишавандагон (монанди олимони бад), ё итоатшавандагон (монанди амироне, ки аз итоати Аллоҳ хориҷ шудаанд) ҳастанд, ки банда ба василаи он аз ҳад таҷовуз мекунад.

Тоғутҳо бисёранд ва сарони он панҷто ҳастанд:

1-Иблис лаънати Аллоҳ бар ӯ (дар инҷо шайх аз боби хабар додан, ӯро лаънат мекунад).

2-Ва касе ки парастида мешавад ва худаш низ розӣ аст, ки парастида шавад.

3-Ва касе ки мардумро ба сӯи ибодати худаш даъват мекунад.

4-Ва касе ки иддиои чизе аз илми ғайб кунад.

5-Ва касе ки ҳукм ба ғайри чизи нозилкардаи Аллоҳ кунад.

Дар ҳукми ба ғайри он чизе ки Аллоҳ нозил кардааст, тафсил вуҷуд дорад

Куфри акбар аст:Агар эътиқод кунад, ки ҳукми башар монанди ҳукми Аллоҳ ё аз он беҳтар аст, куфри акбар аст.

Куфри асғар:Касе ки эътиқод намояд, ки ҳукми ба ғайри нозилкардаи Аллоҳ ботил аст, аммо ин корро ба хотири ҳавову ҳавас, ё ба хотири дӯст доштани риёсат, ё асбоби дигаре анҷом медиҳад.

Имом Ибни Қайим ҷиҳодро ба чаҳор мартаба тақсим кардааст:

Ҷиҳоди нафс:Ба илм, амал, даъват кардан дар роҳи Аллоҳ ва сабр мебошад.

Ҷиҳоди шайтон:Ба тарки шубҳаҳо (ширк ва бидъат) ва шаҳватҳо (монанди гуноҳони кабира ва сағира) мебошад.

Ҷиҳоди кофирон ва мунофиқон: Ба қалб, забон, мол ва нафс (ҷон) мебошад.

Ҷиҳоди золимон ва мубтадиъон ва мункарҳо: Ба даст, забон ва қалб мебошад.

## *Хотима*

Бар ҳар оқиле воҷиб аст, ки дар ин китоби азим ба хотири шомил будан ба усули бузурге, ки ҳар инсоне дар қабраш ба он эҳтиёҷ дорад, андеша карда ва ба он инояти хоссе дошта бошад.

***Ин (зикршудаҳо) ва Аллоҳ донотар аст***

***ва саллаллоҳу ало Муҳаммад ва ало олиҳи***

***ва саҳбиҳи ва саллам.***

***Рӯзи сешанбе, соати 9:36, 24/шаволи/1438 ҳиҷрӣ мувофиқи 18/июли/2017 мелодӣ тарҷумаи ин китоб ба фазлу раҳмати Аллоҳ ба поён расид. Аз Аллоҳи карим мепурсам, ки ин амалро дар мизони ҳасанотам қарор диҳад.***

***Ба қалами:Шаҳобиддин Солиҳ***

***Мадинаи Мунаввара***

# شرح القواعد الأربع

## شرح فضيلة الشيخ

## هيثم بن محمد جميل سرحان

## المترجم

## شهاب الدين صالح

# Шарҳи чаҳор қоида

## Шарҳи фазилати шайх

## Ҳайсам ибни Муҳаммад

## Ҷамил Сарҳон

## Тарҷумон

## Шаҳобиддин Солеҳ

## Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим

Албатта сипосу ситоиш барои Аллоҳ аст ва аз Ӯ талаби ёрӣ ва мағфират мекунем ва ба Аллоҳ аз бадии нафсҳоямон ва амалҳои бадамон паноҳ талаб мекунем, касеро Аллоҳ ҳидоят кунад, пас барои Ӯ гумроҳкунандае нест ва касеро Аллоҳ гумроҳ кунад, пас барои ӯ роҳнамое нест. Ва гувоҳӣ медиҳам, ки маъбуди бар ҳаққе ҷуз Аллоҳ нест, ягонаасту Ӯро шарике нест ва гувоҳӣ медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Ӯст, аммо баъд:

## Муқаддима пеш аз шарҳи китоб

### Муаллифи ин китоб

Шайхи Ислом ва таҷдидкунандаи даъвати яктопарастӣ, имом Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоб ибни Сулаймони Тамимӣ, куняти ӯ Абӯлҳусайн мебошад.

Дар Уяйна соли (1115 ҳиҷрӣ) ба дунё омада ва соли (1206 ҳиҷрӣ) дар Диръийя чашм аз олам пушида аст.

Чаҳор қоида дуввумин китобест, ки дар силсилаи китобҳои илмии толибилм ҷойгоҳи омӯхтанро гирифта аст, эҳтимом додан ба ин китоб бар чандин сабаб қоим шудааст, аз ҷумла:

- Насиҳати олимони мо ба омӯзондани он.
- Ба олимони салафи солиҳ иқтидо кардан.
- Дар ин китоб рад бар мушрикони замони мо аст.
- Зеро ин китоб мухтасари китоби (Кашфи шубуҳот) мебошад.

Ин китобро пеш аз дарс додани китоби (Кашфи шубуҳот) қарор медиҳем, то дар қалби толибилм ҳеҷ шубҳае боқӣ намонад.

**Феҳрасти чаҳор қоида**

**Ин китоб ба се қисм тақсим мешавад ва он:**

- Муқаддима (унвони хушбахтӣ)
- Аҳамияти омӯхтани тавҳид ва яктопарастӣ.
- Қоидаҳо.

Аввал муқаддима (унвони хушбахтӣ)

Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим
(1)Аллоҳи карим, парвардигори Арши бузургро мепурсам, ки туро дар дунёву охират дӯст дораду сарпарастӣ намояд (2) ва дар куҷое бошӣ туро муборак гардонад (3).

**(1)Сабаби ибтидо кардани муаллиф китобро бо номи Аллоҳ**

1-Пайравӣ аз Қуръон ва расулон ва паёмбарон алайҳимус салом.

2-Пайравӣ аз олимони гузашта, ки ба ҳангоми ҷамъоварӣ ва таълифи китоб бо номи Аллоҳ шурӯъ мекарданд.

3-Ба хотири табаррук ҷустан ба номи Аллоҳи карим.

(2) Шайх, Аллоҳ ӯро мағфират кунад, баъд аз номи Аллоҳ муқаддимаро бо дуо барои толибилм шурӯъ намуда ва ин далели муҳаббати Шайх бар толибилм буда ва аз Аллоҳ хоҳони ҳамаи хайр барои донишҷӯёни дин мебошад.

(3) Авлиёи Аллоҳ касоне мебошанд, ки байни имон ва тақво ҷамъ оварда бошанд.

Шайхи Ислом Ибни Таймия, раҳмати Аллоҳ бар ӯ, мегӯяд:"Касе ки мӯъмини ботақво бошад, ӯ авлиёи Аллоҳ мебошад" ва далел фармудаи Ӯ таъоло аст:"Огоҳ бошед, ки

дӯстдорони Аллоҳ, на тарсе барои онҳост ва на андӯҳгин мешаванд. Ҳамон касоне ки имон оварданд ва тақво намуданд".

Баракат:Рушд ва зиёд шудан мебошад.

Табаррук:Талаб кардани рушд ва зиёд шудан.

Муборак:Касе ки ба ҳамагон дар ҳама аҳвол фоида мерасонад.

Ва туро аз касоне гардонад, ки ҳаргоҳ ато карда шавад, шукр намояд (1).

**Табаррук ба ду қисм тақсим мешавад**

Табарруки шаръӣ.

Табарруки манъшуда, он чизе ки далели шаръӣ ва ҳиссӣ бар анҷоми он вуҷуд надорад ва аз навъхои ширки асғар ба ҳисоб меравад.

Табаррук ҷустани ҳиссӣ:Монанди илм, дуо ва монанди ин ду, пас ба илми мард ва даъвати ӯ ба сӯи хайр табаррук ҷуста мешавад, пас ин баракат мебошад, зеро мо аз ӯ хайри бисёре ҳосил намудем.

Табарруки шаръӣ:Монанди намоз хондан дар масҷиди Ҳаром, ё дар масҷиди набавӣ.

(1)Неъмат ибтило ва озмоиш аст, далелҳои зиёде дорад, аз ҷумла:"Ва шуморо ба бад ва нек, чунон ки бояд ва шояд меозмоем", "Пас чун (Сулаймон) он (тахт)-ро назди худ

мустақар дид, гуфт:Ин аз фазли Парвардигори ман аст, то маро биозмояд, ки оё шукри Ӯро ба ҷо меорам, ё носипосӣ мекунам! Пас ҳар ки шукр кунад, танҳо ба нафъи худ шукр мекунад ва ҳар ки носипосӣ кунад, пас (ба зиёни худ намуда аст), бегумон Парвардигори ман бениёзу карим аст", "Пас аммо инсон ҳангоме ки Парвардигораш ӯро биозмояд ва ӯро гиромӣ дорад ва ба ӯ неъмат бахшад, (мағрур мешавад ва) мегӯяд:Парвардигорам маро гиромӣ дошта аст".

Ва дар ҳадис омадааст:"Албатта се шахсе аз Бани Исроилро, Аллоҳ хост имтиҳон намояд...".

**Неъмат тааллуқ ба тавҳиди рубубият ва улуҳият дорад ва шукри он ба ду қисм тақсим мешавад:**

Шукре, ки мутааллиқ ба Аллоҳ пеш аз ҳусули неъмат аст.

Ва ин навъ аз банда хоҳони эътиқод ва имони қотеъ мебошад, ба ин ки неъматрасон ҳамон Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло аст ва қалбаш ба ҷуз Аллоҳ мутааллиқ нагардад ва хайрро ба ҷуз Аллоҳ аз касе наталабад. Пас чуноне ки Ҷаннатро аз Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло талаб мекунем, зеро Ӯ молики он аст. Ризқ инчунин аст, мумкин нест, ки талаб карда шавад, магар аз Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло. "Ва бар (Аллоҳи) зиндае, ки намемирад, таваккал кун". "Касоне ки ба ҷуз Аллоҳ мепарастед, ризқи шуморо молик нестанд, пас ризқро аз назди Аллоҳ биҳоҳед". Яъне ризқ дар назди Аллоҳ аст, на дар назди ғайраш. "Ва Ӯро бипарастед ва Ӯро шукр намоед".

Шукр баъд аз воқеъ шудани неъмат, ки ба навъҳои зерин тақсим мешавад:

**Қалб**

Бо имон ва эътиқоди холис ва тоати комил, ки ризқ ва неъмат-диҳанда Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло ҳаст ва ҳар неъмате, ки назди банда аст аз ҷониби Аллоҳ мебошад.

**Забон**

Бо баёни неъмат ва сипоси онон ва шукр ва ситоиши Аллоҳ бар он неъмат мебошад. (Ва аммо дар бораи неъмати Парварди горат "бо сипос" сухан бигӯ).

**Аъзои бадан**

Ин ба сарфи неъмат дар ҷойҳое, ки Ӯ субҳонаҳу ва таъоло аз мо розӣ мешавад, ҳамроҳ бо ибодати Ӯ субҳонаҳу ва таъоло аз рӯи наздик шудан ба Ӯ ва дурӣ аз гуноҳон аз рӯи итоати амри Ӯ.

Ва ҳаргоҳ мубтало шавад, сабр кунад (1) ва ҳаргоҳ гуноҳ кунад талаби мағфират намояд.

1). Зеро сабр ба иҷмоъи уммат воҷиб аст.

Мардум дар вақти мусибат дар дунё ба чаҳор қисм тақсим мешаванд ва он:

- Норозӣ будан
- Сабр кардан
- Розӣ будан
- Шукр кардан

1).Норозӣ будан:Ҳаром аст ва он гуноҳе аз гуноҳони кабира аст ва он бо қалб, забон ва аъзои бадан мебошад.

-Норозӣ будан бо қалб:Имом Ибни Қайим Ҷавзӣ мегӯяд: Албатта баъзе аз мардум ҷуръат надоранд, ки бо забонашон ин норозигиро ошкор бикунанд, ва лекин дар нафси худ ба ин норозигӣ гувоҳӣ медиҳанд ва дар қалбаш мегӯяд:Парвардигори ман ба ман зулм кард, манро маҳрум кард ва монеъи ман шуда ва......то охир, пас касе кам мекунад ва касе бисёр. Нафсатро тафтиш кун, оё ту аз ин мусибат солим ҳастӣ, агар солим бошӣ ҳамоно аз балои бузурге наҷот ёфтаӣ.

-Норозӣ будан бо забон:Бо нола, фарёд ва гиря кардан ва вовайло гуфтан ва лаънату дашном додан, мебошад.

-Норозӣ будан бо аъзои бадан:Бо дар рӯй задан ва пора кардани ҷома ва кандани мӯи бадан мебошад.

2).Сабр кардан:Ҳукми он ба иҷмоъи уммат воҷиб мебошад. Ва воҷиб аст, ки ба қалб, забон ва аъзои баданаш сабр кунад.

Имом Аҳмад мегӯяд:Калимаи сабр дар Қуръон навад мартаба зикр шудааст ва он ба иҷмоъи уммат воҷиб аст ва он нисфи имон аст. Пас албатта имон ду қисм мебошад:

"Нисфаш сабр ва нисфи дигараш шукр мебошад". "Мадориҷ-ус-соликин"-и Ибни Қайим".

3). Розӣ будан:Ҳукми он мустаҳаб мебошад ва он болотарини мартабаи сабр мебошад.

4). Шукр кардан: Ҳукми он мустаҳаб мебошад ва он беҳтарин ва комилтарини мартабаҳо мебошад.

Бидон, Аллоҳ туро барои тоаташ иршод намояд, ки ҳанифия миллати Иброҳим алайҳис салом Аллоҳро ба ягонагияш парастидан ва динро холис барои Ӯ кардан аст, ҳамчуноне ки Аллоҳ таъоло фармуд:"Ман ҷинну инсонро наёфаридам, ҷуз барои ин ки Маро парастиш кунанд". (1)

Ҳаргоҳ донистӣ, ки Аллоҳ туро барои ибодаташ офарида аст, пас бидон, ки ибодат ибодат номида намешавад магар бо ҳамроҳи тавҳид, ҳамонгуна ки намоз бетаҳорат намоз номида намешавад. Ҳаргоҳ ширк дар ибодат дохил шавад, онро фосид мекунад, монанди бевузӯи ҳаргоҳ дар таҳорат дохил шавад. Пас ҳаргоҳ донистӣ, ки ширк ҳангоме ба ибодат омехта шавад онро фосид мекунад ва амалро бекор мекунад ва соҳибаш аз ҷумлаи ҳамешагони дар дӯзах гардад. Донистӣ, ки муҳимтарин чизе ки бар ту лозим аст, шинохтани ин мебошад. Шояд Аллоҳ туро аз ин дом халос кунад ва он дом ширки ба Аллоҳ аст, ки Аллоҳ таъоло дар шаъни он фармуд: Албатта Аллоҳ ширки ба Ӯро намеомурзад (вале) камтар аз онро барои ҳар кас бихоҳад, меомурзад. Ва ин ба маърифати чор қоидае, ки Аллоҳ таъоло дар китобаш зикр карда аст, мебошад.

**Қоидаи якум:** Бидон кофироне, ки бо онон Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам ҷангид иқрор мекарданд, ки Аллоҳ таъоло холиқу ризқдиҳандаву тадбиркунанда аст. Ва албатта ин иқрор ононро дар дини Ислом дохил накард ва далели ин фармудаи Аллоҳ таъолост:"Бигӯ, кӣ шуморо аз осмон ва замин рӯзӣ медиҳад? Ё кӣ молик (ва холиқи) гуш ва чашмҳост? Ва кӣ зиндаро аз мурда ва мурдаро аз зинда берун меорад? Ва кӣ умури (ҷаҳон)-ро идора мекунад? Ба зудӣ (дар посух) мегӯянд:Аллоҳ. Бигӯ:Пас чаро тақво намекунед?" (2).

1). Дар инҷо муаллиф раҳимаҳуллоҳ баён менамояд, ки барои чӣ иавҳидро меомӯзем?

2). Кофироне, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар байни онон фиристода шуд ба тавҳиди рубубият иқрор мекарданд бо вуҷуди ин паёмбар бо онон ҷангид ва низоъ дар байни онон ва Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар тавҳиди улуҳият мебошад. Пас ҳар кас чизе аз ибодатро барои ғайри Аллоҳ сарф намояд, пас ӯ мушрику кофир аст.

**Қоидаи дуюм:** Онҳо мегӯянд:Мо ононро ба дуо муроҷиат намекунем ва ба сӯи он рӯ намеорем магар барои талаби қурбат (наздикӣ) ва шафоат. Пас далели қурбат фармудаи Аллоҳ таъолост:"Ва онҳо ки ғайри Аллоҳро авлиёи худ қарор доданд (ва мегуфтанд):Инҳоро намепарастем магар ба хотири ин ки моро ба Аллоҳ наздик кунанд. Аллоҳ (рӯзи қиёмат) миёни онон дар он чи ихтилоф доштанд доварӣ мекунад. Аллоҳ он касро, ки дурӯғгӯ ва носипос аст, ҳаргиз ҳидоят нахоҳад кард" (1).

Ва далели шафоат фармудаи Аллоҳ таъолост:"Онҳо ғайр аз Аллоҳ чизҳоеро мепарастанд, ки на ба онон зиёне мерасонад ва на суде мебахшад ва мегӯянд:Инҳо шафоат-гарони мо дар назди Аллоҳ ҳастанд".

Ду шафоат аст:Шафоати манфӣ ва мусбат (2).

1). Мушрикон ва кофирон ҳуҷҷат меоварданд, ки онҳо худоёни ботилашонро ба дуо муроҷиат намекунанд ва ба онҳо рӯй намеоранд, магар ба хотири талаби наздикӣ ва шафоат мекунанд. Ва ба ин мустаҳиқ шуданд, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ононро кофир шумурд ва бо онон мубориза бурд.

2). Шафоат дар луғат:Ба маънои ҷамъ шудан ва якро ду қарор додан аст ва дар шариат:Барои дигаре дар ҷалби манфиат ва дур кардани зарар восита шудан аст.

## Қисмҳои шафоат

Шафоати мусбат: Шафоатест, ки аз Аллоҳ талаб карда мешавад. Ва дар он шартҳои зерин шарт гузошта мешавад:
1-Иҷозат додани Аллоҳ ба шафоат кардан.
2-Ризои Аллоҳ аз шафоаткунанда.
3-Ризои Аллоҳ аз шафоатшуда.

Шафоате, ки махлуқ бар анҷоми он қудрат дорад ва ба чаҳор шарт дуруст мешавад:
1-Ҳозир будан.
2-Зинда будан.
3-Тавоно будан.
4-Ба ин эътиқод, ки танҳо сабаб аст.

Шафоати манфӣ: Шафоатест, ки Қуръон онро нафй кардааст ва он шафоатест, ки аз ғайри Аллоҳ талаб карда мешавад ва дар он чизе ки ғайри Аллоҳ бар он қудрат надорад. Ҳукми он:Ширки акбар аст.

Хосси Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аст ва дар он касе шарик нест.

- Шафоати бузург
- Шафоати ӯ барои амакаш, ки азоби ӯ сабук шавад.
- Шафоати ӯ дар кушодани дарҳои Ҷаннат мебошад

Ом аст, барои ҳамаи паёмбарон ва расулон ва яктопарастон ва кӯдакон мебошад.

- Дар боло бурдани дараҷаҳои яктопарастон.
- Дар ҳаққи касе, ки шоистаи даромадани Дӯзах аст, то ки дохили он нашавад.
- Дар ҳаққи яктопарасте, ки дохили Дӯзха шудааст, то ки аз он хориҷ гардад.

Шафоати манфӣ, шафоатест, ки аз ғайри Аллоҳ дар он чизе, ки дар он ғайри Аллоҳ қудрат надорад, талаб карда мешавад. Ва далел фармудаи Ӯ таъолост:"Эй касоне ки имон овардаед! Аз он чи ба шумо рӯзӣ додаем нафақа кунед, пеш аз он ки рӯзе фаро расад, ки дар он на хариду фуруш аст ва на дӯстӣ ва на шафоате ва кофирон ҳамон золимонанд".

Ва шафоати мусбат, ҳамон шафоатест, ки аз Аллоҳ талаб карда мешавад ва шафоаткунанда ба қабули шафоат икромшуда аст. Ва шафоатшуда касе аст, ки Аллоҳ аз гуфтор ва кирдори ӯ розӣ буда, баъд аз иҷозати шафоат барои ӯ шафоат мешавад, ҳамчуноне ки Аллоҳ таъоло мефармояд:"Кист он кас ки ба ҷуз иҷозати Ӯ дар пешгоҳаш шафоат кунад".

**Қоидаи сеюм:**Албатта Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар миёни мардуме омад, ки дар ибодаташон пароканда буданд, баъзеашон малоика мепарастиданд ва баъзеашон анбиёву солеҳонро мепарастиданд ва баъзеашон дарахтону сангҳоро мепарастиданд ва баъзеашон офтобу моҳтобро мепарастиданд ва Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам бо онон ҷангид ва байни онон фарқ нагузошт. Ва далели ин фармудаи Аллоҳ таъолост: Ва бо онон биҷангед, то фитна набошад ва дин ҳама махсуси Аллоҳ гардад.

Ва далели ин ки офтобу моҳтобпараст буданд, фармудаи Аллоҳ таъолост:Ва аз нишонаҳои Ӯ шабу рӯз ва офтобу моҳ аст, (вале) барои офтоб ва моҳ саҷда накунед (балки) барои Аллоҳе, ки офаринандаи онҳост саҷда кунед, агар танҳо Ӯро мепарастед.

Ва далели ин ки малоикапараст буданд, фармудаи Аллоҳ таъолост:Ва ба шумо дастур намедиҳад, ки фариштагон ва паёмбаронро (ба унвони) парвардигор интихоб кунед.

1). Ин қоида далели возеҳ ва ошкор аст дар радди касе, ки мегӯяд:Албатта ширк танҳо дар ибодати бутҳо мебошад. Пас далелҳои шариат дар хусуси парастиши бутҳо ва дигар худоёни ботил дар он замон, омадааст, пас Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам байни онон фарқе нагузошта, балки ҳамаи онро аз ҷумлаи тоғутҳо шумурдааст. Пас беҷудо кардан бо онон ҷангид, то ки ҳамаи дин холис барои Аллоҳ бошад.

Ва далели ин ки анбиёпараст буданд, фармудаи Аллоҳ таъолост: Ва (ба ёд оред) онгоҳ, ки Аллоҳ ба Исо ибни Марям мегӯяд:Оё ту ба мардум гуфтӣ, ки ман ва модарамро ба унвони ду маъбуд дар баробари Аллоҳи якто интихоб кунед!? Ӯ мегӯяд:Ту покӣ! Ман ҳақ надорам он чиро, ки шоистаи ман нест, бигӯям! Агар чунин суханеро гуфта бошам Ту медонӣ. Ту аз он чи дар нафси ман аст, огоҳӣ ва ман аз он чи дар нафси Ту аст, огоҳ нестам. Ба яқин танҳо Ту донои ҳамаи ғайбҳо ҳастӣ!.

Ва далели ин ки солеҳонро мепарастиданд, фармудаи Аллоҳ таъолост: Касонеро, ки онон (ба унвони маъбуд) мехонанд, худашон василае (барои наздик шудан) ба Парвардигорашон меҷӯянд, василаи ҳар чи наздиктар ва ба раҳмати Ӯ умедворанд ва аз азоби Ӯ метарсанд.

Ва далели ин ки дарахтон ва сангҳоро мепарастиданд, фармудаи Аллоҳ таъолост: Ба ман хабар диҳед, оё бутҳои "Лот" ва "Узо" ва "Манот", ки саввумини онҳост (духтарони Аллоҳ ҳастанд). Ва ҳадиси Абӯвоқиди Лайсӣ разияллоҳу анҳу, ки гуфт:Мо бо ҳамроҳи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба сӯи Ҳунайн баромадем ва мо нав аз куфр баромада будем ва барои мушрикон (дарахти) Сидрае буд, ки дар назди он ҳалқа мезаданд ва дар он силоҳҳояшонро овезон мекарданд, онро "Зоту-л-анвот" номида мешуд, пас ба назди сидрае гузаштему гуфтем:Эй Расулуллоҳ барои мо Зоти анвот қарор деҳ, ҳамонгуна ки барои онҳо Зоти анвот аст.......... (то охири ҳадис).

**Қоидаи чаҳорум:**

Албатта мушрикони замони мо аз ширки аввалинҳо сахттар аст, зеро аввалинҳо дар ҳолати осудаҳолӣ ширк меоварданд ва дар ҳолати сахтӣ холисона Аллоҳро дуо мекарданд ва мушрикони замони мо ширкашон доимӣ аст, яъне дар осудаҳолию сахтӣ ва далели ин фармудаи Аллоҳ таъолост:Ҳангоме ки бар кишти савор шаванд, Аллоҳро бо ихлос мехонанд (ва ғайри Ӯро фаромуш мекунанд) аммо ҳангоме ки Аллоҳ онОнро ба хушки расонду наҷот дод, боз мушрик мешаванд.

Дар ин қоида муаллиф раҳимаҳуллоҳ андозаи хатари мавзеъи мушрикони замони моро баён намудааст, зеро ширки инҳо аз ширки мушрикони гузашта сахттар аст, зеро ки мушрикони замони мо ба Аллоҳ дар ҳоли сахтӣ ва осудаҳолӣ ширк меоранд, аммо мушрикони гузашта дар ҳоли осудагӣ ширк меоварданд ва ба Аллоҳ ва ягонагии Ӯ дар ҳоли сахтӣ эътироф доштанд.

Пас ҳаргоҳ кофироне, ки дар байни онон Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фиристода шуд, ширкашон камтар буд ва ононро Аллоҳ кофир номид, пас чӣ фикр дорӣ дар ҳаққи касоне, ки ширкашон доимӣ дар ҳоли осудаҳолӣ ва сахтӣ аст, пас эшон аз боби авло кофиранд.

Ва Аллоҳ донотар аст ва саллаллоҳу ала Муҳаммад

ва ала олиҳи ва саҳбиҳи ва саллам

***Рӯзи панҷшанбе, соати 7:52, 26/шаволи/1438 ҳиҷрӣ мувофиқи 20/июли/2017 мелодӣ тарҷумаи ин китоб ба фазлу раҳмати Аллоҳ ба поён расид. Аз Аллоҳи карим мепурсам, ки ин амалро дар мизони ҳасанотам қарор диҳад.***

***Ба қалами:Шаҳобиддин Солиҳ***

***Мадинаи Мунаввара***

# شرح متن نواقض الإسلام

شرح فضيلة الشيخ

هيثم بن محمد جميل سرحان

المترجم

شهاب الدين صالح

# Шарҳи китоби навоқизи Ислом

**Шарҳи фазилати шайх**

**Ҳайсам ибни Муҳаммад**

**Ҷамил Сарҳон**

**Тарҷумон**

**Шаҳобиддин Солеҳ**

## Матни китоби "Шиканандаҳои Ислом"

**Шайхи Ислом Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоб раҳимаҳуллоҳ мегӯяд:**
**Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим**
**Бидон, ки навоқизи (шиканандаҳои) Ислом даҳто аст:**

**Якум**:Дар ибодати Аллоҳ шарик овардан, Аллоҳ таъоло мефармояд: ﴿إِنَّ ٱللَّهَ لَا يَغۡفِرُ أَن يُشۡرَكَ بِهِۦ وَيَغۡفِرُ مَا دُونَ ذَٰلِكَ لِمَن يَشَآءُ﴾ "Ба дурусти Аллоҳ касонеро, ки ба Ӯ шарик овардаанд, намеомӯрзад. Ва ҳамаи гуноҳони дигарро барои ҳар ки бихоҳад, меомӯрзад". (Сураи Нисо, ояти:116) Ва Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿إِنَّهُۥ مَن يُشۡرِكۡ بِٱللَّهِ فَقَدۡ حَرَّمَ ٱللَّهُ عَلَيۡهِ ٱلۡجَنَّةَ وَمَأۡوَىٰهُ ٱلنَّارُۖ وَمَا لِلظَّٰلِمِينَ مِنۡ أَنصَارٖ ٧٢﴾

"Ба дурусти шахсе ба Аллоҳ шарик меорад, пас Аллоҳ ба ӯ Ҷаннатро ҳаром гардонида ва бозгашти он Дӯзах аст ва аз барои золимон ягон ёрдамдиҳандае нест". (Сураи Моида, ояти:72)

Ва аз ҳамин қабил аст ба мурдагон дуову муроҷиат ва фарёдрасӣ намудан ва барои онҳо назру қурбонӣ кардан ва монанди ин.

**Дуввум**:Шахсе ки байни худ ва байни Аллоҳ воситаҳо мегирад, ононро ба дуо муроҷиат намуда ва аз онон шафоат талаб менамояд ва ба онон таваккал мекунад, пас ба таҳқиқ ба иҷмоъ кофир мешавад.

**Сеюм**:Шахсе, ки мушриконро кофир нашуморад, ё дар кофирии онҳо шак намояд, ё мазҳаби онҳоро дуруст гӯяд, кофир мешавад.

**Чорум**:Шахсе эътиқод намояд, ки роҳнамои ғайри Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам пурратар аз роҳнамоии Ӯст, ё ҳукми ғайри Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз ҳукми Ӯ хубтар аст, монанди касоне, ки ҳукми тоғутҳоро аз ҳукми Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло беҳтар медонанд, пас онҳо кофиранд.

**Панҷум**:Шахсе чизеро, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба он омада аст, бад бинад ва агарчи ба муқтазои он амал намояд, пас ба таҳқиқ кофир аст.

**Шашум**:Шахсе аз дини Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам, ё савобаш, ё азобашро истеҳзо (масхара) намояд, кофир мегардад. Ва далели ин фармудаи Ӯ таъолост:

﴿قُلْ أَبِٱللَّهِ وَءَايَٰتِهِۦ وَرَسُولِهِۦ كُنتُمْ تَسْتَهْزِءُونَ ﴿٦٥﴾ لَا تَعْتَذِرُوا۟ قَدْ كَفَرْتُم بَعْدَ إِيمَٰنِكُمْ ۚ﴾

"Бигӯ! Оё ба Аллоҳ, оятҳои Ӯ ва фиристодаи Ӯ истеҳзо ва бозӣ мекардед, дигар узре нахоҳед, пас аз имонатон кофир гардидед".

**Ҳафтум**:Сеҳр (ҷоду) ва сарфу атф (гармию хунукӣ) аз ҷумлаи сеҳр аст. Пас касе онро ба ҷо орад, ё ба баҷо овардани он розӣ шавад, кофир мешавад. Ва далели ин фармудаи Ӯ таъоло аст:

﴿وَمَا يُعَلِّمَانِ مِنْ أَحَدٍ حَتَّىٰ يَقُولَآ إِنَّمَا نَحْنُ فِتْنَةٌ فَلَا تَكْفُرْ﴾

"Ҳеҷ касро он ду, чизе таълим надиҳанд, то он ки ба ӯ бигӯянд: Ҳамоно мо фитна (озмоиши бандагон) ҳастем, пас кофир нагардед".

**<u>Ҳаштум</u>**:Ёрию нусрат додани мушрикон ба зафар ёфтани онҳо бар мусалмонон. Ва далел фармудаи Ӯ таъолост:

﴿ وَمَن يَتَوَلَّهُم مِّنكُمۡ فَإِنَّهُۥ مِنۡهُمۡۗ إِنَّ ٱللَّهَ لَا يَهۡدِي ٱلۡقَوۡمَ ٱلظَّٰلِمِينَ ٥١ ﴾

"Агар касе аз шумо онҳоро дӯст бигирад ӯ низ аз онҳост. Албатта Аллоҳ гурӯҳи золимонро ҳидоят намекунад".

**<u>Нуҳум</u>**:Шахсе эътиқод намояд, ки бархе одамонро аз дини Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам баромадан мумкин аст, ҳамчуноне ки Хазир алайҳис салом аз дини Мусо алайҳис салоту вас салом хориҷ шуд, пас ӯ кофир мешавад.

**<u>Даҳум</u>**:Аз дини Аллоҳ рӯй гардонидан, яъне онро таълим намегирад ва ба муҷиби он амал намекунад. Далели ин фармудаи Ӯ таъолост:﴿ وَمَنۡ أَظۡلَمُ مِمَّن ذُكِّرَ بِـَٔايَٰتِ رَبِّهِۦ ثُمَّ أَعۡرَضَ عَنۡهَآۚ إِنَّا مِنَ ٱلۡمُجۡرِمِينَ مُنتَقِمُونَ ٢٢ ﴾

"Ҳеҷ кас золимтар нест аз шахсе ки ба оятҳои Парвардигораш панд дода шуд, сипас аз он рӯй гардонид. Албатта мо аз гунаҳгорон интиқомгирандагонем".

Дар ҳамаи ин шиканандаҳо фарқ байни масхаракунанда, ҷиддияткунанда, тарсанда нест ба ғайри шахси маҷбур кардашуда. Ва ҳамаи ин шикананда аз бузургтарини хатарҳо ҳастанд ва бисёртар мардум дар инҳо воқеъ мешаванд. Пас барои мусалмон сазовор аст, ки аз инҳо парҳез намояд ва аз воқеъ шудани дар он битарсад. Ба Аллоҳ аз сабабҳои барангезандаи ғазабаш ва иқоби дарднокаш паноҳ мебарем.

Ва саллаллоҳу ала хайри халқиҳи Муҳаммад ва ала олиҳи ва саҳбиҳи ва саллам.

## *Шарҳи китоб*

Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим
Бидон, ки навоқизи (шиканандаҳои) Ислом даҳто аст:

***Бароии чӣ олимон китобҳояшонро ба бисмиллоҳ шурӯъ мекунанд?***

Аз рӯи пайравӣ кардан ба Китоби азиз ва анбиё ва расулон алайҳимус салом

Аз рӯи унс гирифтан ба ҳадиси: "Ҳар кори боаҳамияте ...", ва агарчи заиф аст.

Аз рӯи пайравӣ ба олимони гузашта раҳимаҳум-уллоҳ.

Аз рӯи табаррук ибтидо ба номи Аллоҳ таъоло намудан.

***Ҳаргоҳ адад дар Қуръон ва суннат зикр шавад:***

Ҳаргоҳ дар оятҳои Қуръон ва суннат аз ин адад бештар наёфтем, бароии ин адад мафҳуме аст, яъне аз он зиёд намегардад, монанди аркони Ислом ва имон, ҳамонгуна ки дар ҳадиси Ҷибраил алайҳис салом омадааст.

Агар дар оятҳои Қуръон ва суннат беш аз ин адад ёфтем, бароии ин адад мафҳуми хос нест, яъне бар он  ба он чизе ки дар Қуръон ва суннат омадааст, зиёд карда мешавад, монанди фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам:"Панҷ чиз аз фитрат аст..." ва фармудаи Ӯ:"Аз ҳафт ҳалоккунанда бипарҳезед...".

## *Барои чӣ гоҳо адад зикр мешавад ва барои он мафҳуме нест?*

***Ин аз таълими накӯи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мебошад, ба ҳайсияте ки аз шунаванда хоҳони ҳифзи он чизе, ки дар ин маҷлис зикр мешавад, мебошад ва то ки ба ёд овардани ин масъалаҳо баъди замоне осон шавад, монанди фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам:"Бар се чиз савганд ёд мекунам ва барои шумо ҳадисе мегӯям, пас онро ҳифз намоед:Моли банда аз садақа додан, кам намешавад..." ва муаллиф раҳимаҳуллоҳ бар ин равиш рафтааст.***

## *Барои чӣ шикanандаҳоро меомӯзем?*

***То ки аз он дӯрӣ намоем ва дар он воқеъ нашавем ва дар он фоидаҳои бузурге ҳаст, балки он аз фоидаовардатарини фоидаҳо аст, ҳамчуноне ки шикanандаҳои вузӯро меомӯзем, то ки вузӯамон нашиканад ва ботилкунандаҳои намозро меомӯзем, то ки намозамон ботил нашавад. Аз Ҳузайфа ибни Ямон разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки гуфт:"Мардум Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва салламро аз хайр мепурсиданд ва ман Ӯро аз кори шарр мепурсидам, аз рӯи тарси ин ки маро дарк накунад".***

***Навоқизи (шикanандаҳои) Ислом чист?***

***Он фосидкунандаҳои Ислом аст ва он чизе аст, ки анҷомдиҳандаи он аз доираи Ислом хориҷ мешавад ва ба доираи куфри акбар ворид мешавад. Ва Ислом ҳамон: "Барои Аллоҳ бо тавҳид комилан таслим шудан ва барои Ӯ ба тоат сар фурӯ овардан ва аз ширк ва мушрикон безорӣ ҷустан мебошад".***

Маънои он: Он чизест, ки ба сабаби анҷоми он мусалмон аз доираи Ислом хориҷ мешавад ва дар доираи куфри акбар дохил мешавад. Аз Аллоҳ офият ва саломат монданро металабем.

Чаро олимон гоҳо онро навоқиз ва гоҳо фосидкунанда, ё ботилкунанда мегӯянд? Ин аз боби гуногунӣ аст, то ки толиби илм хаста нашавад, вагарна маънои ҳамаи он як аст, пас гуфта мешавад: Шикanандаҳои Ислом ва вузӯ ва ботилкунандаҳои намоз ва фосидкунандаҳои рӯза.

Оё олимон бар ин навоқиз иттифоқ доранд? Бале.

Оё он ба ададе ҳасршуда аст? Не, ҳасршуда нест. Ва барои чӣ онро даҳто гуфтааст? Яъне аз хатарноктарини онҳост, то ки ҳифз шавад.

**Оё мумкин аст, ки навоқизро ба таври муҷмал фаро гирифт?**

| | | | |
|---|---|---|---|
| Ноқизи қавлӣ ва аз ҷумлаи он дашном додани Аллоҳ, ё расулаш саллаллоҳу алайҳи ва саллам, ё дин аст. | Ноқизи амалӣ ва аз ҷумлаи он: Сеҳр аст. | Ноқизи эътиқодӣ ва аз ҷумлаи он: Эътиқоди ҷалби фоидаҳо аз ғайри Аллоҳ таъоло аст. | Ноқизи шак: Шак кperformанд дар куфри яҳуд ва насоро, ки даъвати Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба онон расида ва ба он имон наовардаанд. |

***Оё Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ин даҳ ноқизро зикр кардааст ва далели он чист?***

***Бале, тамоми ин навоқизро Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам зикр кардааст, балки ҳар ноқиз далеле аз Қуръон ва суннат дорад. Аллоҳ таъоло мефармояд:"Ва инчунин оётро ба тафсил баён мекунем ва то роҳи муҷримон (ва гунаҳкорон) ошкор гардад".***

***Касе ноқизеро муртакиб шуд, оё касе ӯро дид, ё аз ӯ огоҳ шуд, ӯро ҳукм ба куфр мекунад?***

***Не, балки дар кофир ҳукм кардани шахси муайян ба олимони раббонӣ ва маҳкамаҳои шаръӣ муроҷиат шавад, Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармояд:"Ҳар шахсе ба бародараш бигӯяд:Эй кофир, пас ба таҳқиқ куфр бар яке аз ин ду бармегардад".***

***Кӣ дар мавзӯи навоқиз китоб таълиф кардааст?***

***Ҳар олиме, ки дар мавзӯи фиқҳ таълиф кардааст, дар боби ҳукми муртад навоқизро зикр кардааст, локин муаллиф раҳимаҳуллоҳ нахустин шахсест, ки ба таври китоби мустақил онро таълиф намудааст.***

***Оё дар навоқиз байни феъл ва фоили он фарқ гузошта мешавад?***

***Бале ва зарурӣ аст, зеро ҳар касе ки дар куфр воқеъ шуд, куфр бар ӯ воқеъ намешавад ва дар ҳукм ба куфр кардани шахси муайян қиёми ҳуҷҷат ва набудани шубҳа зарурӣ аст. Ва мақсади муаллиф раҳимаҳуллоҳ ҳукм ба куфр кардани шахсони муайян нест, балки мақсад аз навоқиз ҳазар кунондан аст ва ин аз боби насиҳати уммат мебошад.***

***Бар касе ки навоқизро омӯхтааст, чӣ лозим ва шоиста аст?***

***Барои мусалмон шоиста аст, ки аз ин навоқиз ҳазар намояд ва битарсад ва аз он ҳазар кунонад. Аммо ҳукм кардан бар шахсиятҳо, пас дар ин ҳукм ба олимони раббонӣ ва маҳкамаҳои шаръӣ муроҷиат карда мешавад. Аллоҳ таъоло мефармояд:***

﴿لَقَدْ جَآءَكُمْ رَسُولٌ مِّنْ أَنفُسِكُمْ عَزِيزٌ عَلَيْهِ مَا عَنِتُّمْ حَرِيصٌ عَلَيْكُم بِٱلْمُؤْمِنِينَ رَءُوفٌ رَّحِيمٌ ﴿١٢٨﴾ فَإِن تَوَلَّوْا۟ فَقُلْ حَسْبِىَ ٱللَّهُ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَ ۖ عَلَيْهِ تَوَكَّلْتُ ۖ وَهُوَ رَبُّ ٱلْعَرْشِ ٱلْعَظِيمِ ﴿١٢٩﴾﴾ التوبة

***"Яқинан паёмбаре аз (миёни) худатон ба сӯятон омад, ки ранҷҳои шумо бар Ӯ душвор (ва гарон) аст ва бар (ҳидояти) шумо сахт исрор дорад ва (нисбат) ба мӯъминон рауфу меҳрубон аст. Пас агар рӯй баргардонанд, бигӯ:Аллоҳ барои ман кофӣ аст, ҳеҷ маъбуди (ба ҳақ) ҷуз Ӯ нест, бар Ӯ таваккал кардам ва Ӯ парвардигори арши азим аст".***

## Ноқизи якум

Дар ибодати Аллоҳ шарик овардан, Аллоҳ таъоло мефармояд: ﴿إِنَّ ٱللَّهَ لَا يَغۡفِرُ أَن يُشۡرَكَ بِهِۦ وَيَغۡفِرُ مَا دُونَ ذَٰلِكَ لِمَن يَشَآءُۚ﴾ "Ба дурусти Аллоҳ касонеро, ки ба Ӯ шарик овардаанд, намеомӯрзад. Ва ҳамаи гуноҳони дигарро барои ҳар ки бихоҳад, меомӯрзад". (Сураи Нисо, ояти:116) Ва Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿إِنَّهُۥ مَن يُشۡرِكۡ بِٱللَّهِ فَقَدۡ حَرَّمَ ٱللَّهُ عَلَيۡهِ ٱلۡجَنَّةَ وَمَأۡوَىٰهُ ٱلنَّارُۖ وَمَا لِلظَّٰلِمِينَ مِنۡ أَنصَارٖ ٧٢﴾

"Ба дурусти шахсе ба Аллоҳ шарик меорад, пас Аллоҳ ба ӯ Ҷаннатро ҳаром гардонида ва бозгашти он Дӯзах аст ва аз барои золимон ягон ёрдамдиҳандае нест". (Сураи Моида, ояти:72)

Ва аз ҳамин қабил аст ба мурдагон дуову муроҷиат ва фарёдрасӣ намудан ва барои онҳо назру қурбонӣ кардан ва монанди ин.

## Навъҳои ширк:

Ширки акбар:(Ва ин мақсади муаллиф раҳимаҳуллоҳ аст) ва ҳақиқати он ин аст, ки эътиқод намояд, ки дар олам барои ғайри Аллоҳ тасарруфи пинҳонӣ аст, ё дар дасти ӯ ҷалби манфиатҳо, ё дур сохтани зарарҳост.

Ширки асғар: Ва ҳақиқати он ин аст, ки он чизеро, ки Аллоҳ сабаб қарор надодааст, сабаб қарор диҳад ва ҳар он чизе ки васила ба сӯи ширки акбар бошад, пас он ширки асғар аст.

**Ширки акбар:**

-Аз дин хориҷ месозад.

-Тамоми аъмолро ботил месозад.

-Хунаш мубоҳ гашта ва молаш аз они ҳоким мешавад.

-Сабаби доимӣ дар Ҷаҳаннам мондан аст.

-Ҳаргоҳ шариат онро ширки акбар хонда бошад.

-Ҳаргоҳ лафзи ширк, ё куфр дар насҳои шариат муарраф ба (алифу лом) ояд, пас он ширки акбар аст.

**Ширки асғар:**

-Аз дин хориҷ намесозад.

-Танҳо амали хосро ботил месозад.

-Хун ва молро мубоҳ намегардонад.

-Сабаби доимӣ дар Ҷаҳаннам мондан намешавад.

-Ҳаргоҳ дар шариат асғар номида шавад.

-Ба ҳар он чизе ки шариат ширк, ё куфр гуфтааст ва онро ба (алифу лом)-и таъриф муарраф нагардонда аст.

### *Оё ширки акбар бахшида мешавад?*

Ҳаргоҳ бар он бимирад, бахшида намешавад, аз рӯи фармудаи Ӯ таъоло:"Албатта Аллоҳ инро ки ба Ӯ ширк оварда шавад, намебахшад". Ва ҳаргоҳ аз он тавба кунад, барои ӯ бахшида мешавад, аз рӯи фармудаи Ӯ таъоло:"(Эй Паёмбар аз ҷониби Ман) бигӯ:Эй бандагони Ман, ки бар худ исроф (ва ситам) кардаед! Аз раҳмати Ман ноумед нашавед, ҳамоно Аллоҳ ҳамаи гуноҳонро мебахшад, яқинан Ӯ бисёр омурзанда ва меҳрубон аст". Ва то замоне ки офтоб аз мағриб набарояд, аз рӯи фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам:"Ҳиҷрат қатъ намешавад, то ки тавба қатъ шавад ва тавба қатъ намешавад, то ки офтоб аз мағриб барояд", ё ӯро вафот ҳозир шавад, яъне хир-хири пеш аз марг, Аллоҳ таъоло фармуд:"Ва барои касоне ки корҳои бад муртакиб мешаванд, то вақте ки марги яке аз онон фаро расад, мегӯяд:Акнун тавба кардам, тавба нест".

## *Ақсоми ҳаромшудаҳо:*

Ширки акбар ва он боло-тарини ҳаром-шудаҳо аст.

Ширки асғар ва он поёнтар аз ширки акбар аст ва боло-тарини гуноҳони кабира аст.

Гуноҳони кабира: Ва он ҳар гуноҳе аст, ки барои он уқубати хоссе тартиб дода шуда аст, монанди: Мавриди лаънат ва рондан қарор гирифтан, ё безорӣ аз фоили он, ё ин ки ӯ аз ҷумлаи кофирон, ё мушрикон аст, ё аз мӯъминон нест, ё ба қабеҳтарини ҳайвонҳо ташбеҳ шудааст.

Гуноҳони сағира ва он ҳар чи-зе аст, ки шаръ он-ро ҳаром гардонда ва бар он уқубати хоссе тар-тиб дода нашуда аст.

**Адади он:** Шумори-да нашу-да аст, локин он ба қоида-и дар бо-ло зикр-шуда маҳдуд аст.

**Ҳукми фоили он:**
-Мӯъмини кам имон аст, ё мӯъмин аст ба хотири имонаш ва фосиқ аст ба сабаби гуноҳаш.
-Ба хотири имонаш дӯст дошта мешавад ва ба сабаби гуноҳаш бад дида мешавад.
-Дар ҳоли иртикоби кабира бо ӯ нишаста намешавад.

**Мартабаҳои он:** Гуногун аст, аз рӯи фар-мудаи Паём-бар саллал-лоҳу алайҳи ва саллам: "Бузургтар-ини гуноҳони кабира...".

**Ҳукми он:** Зарурӣ аст, ки тавба кун-ад, аз рӯи фарму-даи Паёмбар сал-лаллоҳу алайҳи ва саллам:" Навҳагар ҳаргоҳ пеш аз маргаш тавба на-кунад..." ва дар ҳадиси дигар фар-муд:"Ҳаргоҳ аз гу-ноҳони кабира би-парҳезад...".

## *Ақсоми забҳ (куштани мол):*

**Барои Аллоҳ:**
Ва ин раво аст ва аз ҷумлаи он: Ҳадя (ки ҳоҷӣ дар рӯзи иди қурбон мекушад) ва қурбонӣ ва садақаҳо аст.

**Аз рӯи муҳаббат ва таъзим барои ғайри Аллоҳ куштан:**
(Ва мақсади муаллиф ҳамин навъи забҳ аст). Ва он ширки акбар аст, монанди барои ҷин ва мурдагон забҳ кардан.

**Забҳи мубоҳ:**
Монанди забҳи гусфанд барои гушт ва икроми меҳмон ва тиҷорат ва ғайри ин.

## Ноқизи дуввум

Шахсе ки байни худ ва байни Аллоҳ воситаҳо мегирад, ононро ба дуо муроҷиат намуда ва аз онон шафоат талаб менамояд ва ба онон таваккал мекунад, пас ба таҳқиқ ба иҷмоъ кофир мешавад.

## Қисмҳои шафоат

Дар он чизе ки махлуқ бар он қудрат дорад: Ба чаҳор шарт дуруст мешавад:

1-Ҳозир бошад.

2-Зинда бошад.

3-Тавоно бошад.

4-Эътиқод кунад, ки он сабаб аст.

Дар он чизе, ки ба ҷуз Аллоҳ касе бар он қудрат надорад.

Шафоати мусбат: Шафоатест, ки Аллоҳ онро барои худ исбот карда ва танҳо аз Ӯ талаб карда мешавад. Ва дар он шартҳои зерин шарт гузошта мешавад:
1-Иҷозат додани Аллоҳ ба шафоат кардан.
2-Ризоӣ Аллоҳ аз шафоаткунанда.
3-Ризои Аллоҳ аз шафоатшуда.

Шафоати манфӣ: (Муаллиф ин навъро қасд дорад) Шафоатест, ки Қуръон онро нафй кардааст ва он шафоатест, ки аз ғайри Аллоҳ талаб карда мешавад ва дар он чизе ки ғайри Аллоҳ бар он қудрат надорад. Ва он:Ширки акбар аст.

Шафоати мусбат ду навъ аст:

**Хосси Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аст:**

1-Шафоати бузург.

2-Шафоати Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам барои амакаш, ки азоби ӯ сабук шавад.

3-Шафоати Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар кушодани дарҳои Ҷаннат.

**Ом аст, барои ҳамаи паёмбарон ва малоикаҳо ва яктопарастон ва кӯдакон мебошад.**

1- Дар боло бурдани дараҷаҳои яктопарастон.

2- Дар ҳаққи касе, ки шоистаи даромадани Дӯзах аст, то ки дохили он нашавад.

3- Дар ҳаққи яктопарасте, ки дохили Дӯзах шудааст, то ки аз он хориҷ гардад.

**Оё гуфтани мард барои бародараш:"Аллоҳро барои ман дуо кун" дуруст аст?**

Ҳаргоҳ дар ин талаб навъи эҳтиёҷ бошад, пас ин навъе аз ширки асғар аст ва ҳаргоҳ талаби дуо аз зиндаи ҳозир ва тавоно бошад ва эътиқод намояд, ки он сабаб аст, пас ин дуруст аст, локин тарк карданаш беҳтар аст.

***Таваккул:Он эътимоди содиқона бар Аллоҳ бо боварӣ ба Ӯ ва ба асбоби шаръӣ чанг задан аст.***

Ширки акбар аст, ҳаргоҳ барои ғайри Аллоҳ сарф шавад:(Ва ҳаминро муаллиф қасд намудааст). Таваккули ибодат ва хузӯъ. Ва он эътимоди комил аст бар касе, ки бар ӯ таваккал мекунад, ба ҳайсияте ки эътиқод мекунад, ки дар дасти ӯ ҷалби манфиатҳо ва дур кардани зарар бо ҳамроҳи ниёзмандӣ аст, монанди бар мурдагон эътимод кардан.

Ширки асғар аст: Ва он эътимод кардан бар зинда бо ҳамроҳи ба ӯ эҳтиёҷ доштан, монанди касе ки бар зинда дар ризқаш эътимод мекунад, бо ҳамроҳии ӯро болои сабаб қарор додан.

Ҷоиз аст:Ва он эътимод кардан ба зиндае дар он чизе ки тасаруфи он ба ӯ супорида шуда, беэҳтиёҷ доштан ба ӯ мебошад, ҳамчуноне аст, ки шахсеро дар фурухтани чизе вакил намудӣ.

**Оё гуфтани (бар фалонӣ таваккал кардам), ё (бар Аллоҳ сипас бар фалонӣ таваккал кардам) дуруст аст?**

Дуруст нест, ки бигӯӣ:Бар фалонӣ таваккал кардам ва дуруст нест, ки бигӯӣ:Бар Аллоҳ сипас бар фалонӣ таваккал кардам", зеро ин амали қалбӣ аст, барои ғайри Аллоҳ сарф карда намешавад, балки мегӯӣ:Фалониро вакил кардам, яъне амалро ба ӯ супоридам. Ва ба ростӣ Паёмбар саллаллоҳу алайҳм ва саллам дар умури омма ва хоссаш баъзе саҳобагонро вакил гардонд.

## Ноқизи сеюм

Шахсе, ки мушриконро кофир нашуморад, ё дар кофирии онҳо шак намояд, ё мазҳаби онҳоро дуруст гӯяд, кофир мешавад.

### Ҳукми мушрикон дар Ислом:

Ҳар касе ки даъвати Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба ӯ расида ва ба Ӯ имон наовардааст, пас ӯ кофири куфри акбар аст, аз рӯи фармудаи Ӯ таъоло:"Ва ҳар кас ки дине ғайр аз Исломро интихоб кунад, ҳаргиз аз ӯ қабул намешавад ва ӯ дар охират аз зиёнкорон аст".

Оё аҳли китоб (яҳуду насоро) дар зимни мушрикон дохиланд?

Бале, дар зимни онҳо аҳли китобе, ки ба Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам имон наоварданд, дохил мешаванд, аз рӯи фармудаи Ӯ таъоло:"Бо касоне аз аҳли китоб, ки на ба Аллоҳ ва на ба рӯзи қиёмат имон доранд ва на он чиро Аллоҳ ва расулаш ҳаром карда, ҳаром медонанд ва на дини ҳақро қабул мекунанд, биҷангед, то замоне ки бо зиллат ва хорӣ ба дасти худ ҷизя бидиҳанд".

Ва фармудаи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам: "Қасам ба Зоте ки нафси Муҳаммад дар дасти Ӯст, ҳар яҳудӣ ва насроние, ки бимирад ва ба он чи фиристода шудам, имон наорад, ҷуз ин нест, ки аз аҳли оташ аст".

***Оё маънояш ин аст, ки ба аҳдҳои онҳо вафо накунем?***

Барои касе аҳд бошад, зарурӣ аст, ки ба аҳди ӯ вафо кунем, то муҳаббати Аллоҳро ноил шавем, Аллоҳ таъоло мефармояд:"Пас то замоне ки (бар аҳдашон) вафодор монданд, шумо низ (бар аҳдатон) вафодор бошед, албатта Аллоҳ парҳезкоронро дӯст медорад". Ва мардум дар муомалаи мушрикон бар се қисманд:

Гурӯҳе бо кофирон дар идҳо, ҷашнҳо ва одатҳояшон мушорикат мекунанд.

Ва гурӯҳе бар онон ба куштан, ғорат кардан, фиребгарӣ ва задан таҷовуз мекунад .

Ва миёнаравӣ, ки бар он аҳли суннат ва ҷамоат аст, дар идҳо ва ҷашнҳояшон иштирок намекунанд ва бар аҳдҳое, ки болои онон аст, вафо мекунем ва бар онҳо таҷовуз намекунем ва бо ҳамроҳи онҳо дар хариду фуруш муомала мекунем ва онҳоро ба сӯи тавҳид даъват мекунем.

## Ноқизи чорум

Шахсе эътиқод намояд, ки роҳнамои ғайри Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам пурратар аз роҳнамоии Ӯст, ё ҳукми ғайри Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз ҳукми Ӯ хубтар аст, монанди касоне, ки ҳукми тоғутҳоро аз ҳукми Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло беҳтар медонанд, пас онҳо кофиранд.

***Қисмҳои ҳукми ба ғайри он чизе ки Аллоҳ нозил кардааст:***

Ҳукми тоғутҳо ва қонунҳоро бар ҳукми Аллоҳ бартар дониста, бо эътиқод дошт-ан ба ин ки ҳукми Аллоҳ муносиб ва шоиста нест. Ҳукми ин шахс кофири куфри акбар аст, аз доираи Ислом хориҷ аст. Аллоҳ таъоло фармуд: "(Онҳо) донишмандон ва руҳбони худро ба ҷуз Аллоҳ арбоб гирифтанд".

Агар эътиқод намояд, ки бояд ҳукми Аллоҳ амалӣ шавад ва он барои шаҳрҳо ва бандагон шоиста аст, вале ҳукми тоғутҳоро барои хоҳишоти нафсаш, ё дӯст доштани риёсат ва ғайра тақдим кунад, ҳукми ин шахс куфри асғар ва фосиқӣ аст ва агар ба ин ҳукм ҳаққи шахси мусалмонеро қатъ кунад, пас ӯ боз золим аст ва наздик аст, ки дар куфри акбари аз дин хориҷкунанда воқеъ мешавад.

## Ноқизи панҷум

Шахсе чизеро, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба он омада аст, бад бинад ва агарчи ба муқтазои он амал намояд, пас ба таҳқиқ кофир аст.

Далели ин ноқиз, фармудаи Ӯ таъолост:"Ин ба он сабаб аст, ки онон он чиро, ки Аллоҳ нозил кардааст, нописанд донистанд, пас Аллоҳ аъмолашонро нобуд кард". Ва фармудаи Ӯ:"На, савганд ба Парвардигорат ки онҳо имон намеоранд, магар ин ки дар ихтилофҳои худ туро довар қарор диҳанд ва сипас аз доварии ту, дар дили худ эҳсоси нороҳати накунанд ва комилан таслим бошанд". Ва фармудаи Ӯ:"Пас ҳар касро, ки Аллоҳ бихоҳад ҳидоят кунад, синаашро барои (қабули) Ислом мекушояд ва ҳар касро, ки бихоҳад гумроҳ кунад, синаашро чунон танг мекунад, ки гӯё ба осмон боло меравад, инчунин Аллоҳ палидиро бар касоне ки имон намеоранд, қарор медиҳад".

### *Дӯст доштан ва бад дидан дар роҳи Аллоҳ:*

Дӯст доштан ва бад дидан дар роҳи Аллоҳ аз ҷумлаи воҷибот аст, балки он аз беҳтарини дараҷаҳои имон аст.

## *Дӯст доштани умуре, ки барои Аллоҳ воҷиб аст, чист?*

- Амале, ки Аллоҳ таъоло аз он розӣ мегардад ва он ҳар амале аст, ки дар шариат омадааст, монанди тавҳид.
- Дӯст доштани касе ки ба он амал мекунад, монанди анбиё, расулон, малоика, саҳобагон ва ҳар яктопараст.
- Замонҳое, ки Аллоҳ таъоло онҳоро дӯст медорад, монанди шаби қадр ва сеяки охири шаб.
- Маконҳое, ки Аллоҳ таъоло онҳоро дӯст медорад, монанди Макка ва Мадинаи Набавӣ.

## *Бад дидани умуре, ки барои Аллоҳ воҷиб аст, чист?*

- Амале, ки Аллоҳ таъоло онро бад мебинад ва инкор мекунад ва он амалест, ки шариат аз он наҳй кардааст, монанди ширк.
- Ба он амалкунанда, монанди мушрикон, мунофиқон ва шайтонҳо.
- Замонҳое, ки Аллоҳ таъоло онҳоро бад мебинад, монанди замонҳое, ки дар он офтоб парастида мешавад.
- Маконҳое, ки Аллоҳ таъоло онҳоро бад мебинад, монанди маконҳои ширк.

### *Оё ҳаргоҳ зан чанд занагиро бад бинад, кофир мешавад?*

Дар воқеъ зан ҳукми шариатро инкор намекунад ва локин ӯ барои шавҳараш бар болояш зан гирифтанро дӯст намедорад, пас ин амрест, ки бар он маломат карда намешавад.

## Ноқизи шашум

Шахсе аз дини Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам, ё савобаш, ё азобашро истеҳзо (масхара) намояд, кофир мегардад. Ва далели ин фармудаи Ӯ таъолост:

﴿ قُلۡ أَبِٱللَّهِ وَءَايَٰتِهِۦ وَرَسُولِهِۦ كُنتُمۡ تَسۡتَهۡزِءُونَ ٦٥ لَا تَعۡتَذِرُواْ قَدۡ كَفَرۡتُم بَعۡدَ إِيمَٰنِكُمۡۚ ﴾

"Бигӯ! Оё ба Аллоҳ, оятҳои Ӯ ва фиристодаи Ӯ истеҳзо ва бозӣ мекардед, дигар узре нахоҳед, пас аз имонатон кофир гардидед".

### *Истеҳзокунанда:*

**Маъно ва ҳукми он:**

Истеҳзо ҳамон масхара аст ва ҳукми истеҳзокор, ё дашномдиҳанда ин аст, ки ӯ ҷофири куфри муоразa аст ва он куфри акбар аст, ки аз доираи Ислом хориҷ мекунад ва соҳиби он ҳамеша дар оташи Ҷаҳаннам аст ва Аллоҳ паноҳ диҳад.

Ва аммо касе ки ин дашномро мешунавад бар вай воҷиб аст, ки инкор кунад ва ё маҷлисро тарк кунад ва монанди ӯст, касе ки онро мушоҳида мекунад, ё беинкор онро нақл мекунад, аз рӯи фармудаи Аллоҳ таъоло:"Ва дар китоб бар шумо нозил карда аст, ки чун бишнавед, ки ба оятҳои Аллоҳ куфр меварзанд ва онҳоро ба ришханд мегиранд, бо онон манишинед то ба сухани дигаре ҷуз он бипардозанд, чаро ки дар ин сурат шумо низ монанди онон хоҳед буд". (Сураи Нисо:140)

**Ва тавбаи ӯ ба чанд шарт қабул мешавад:**

-Бар Аллоҳ таъоло ба саное, ки Ӯ шоистаи он аст, сано гӯяд.

-Аз он чи гуфтааст, безорӣ ҷӯяд.

-Бар ӯ осори тавба намоён гардад ва ростияшро бидонем. Аммо касе ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва салламро дашном дод, пас ҳамоно тавбааш дар назди Аллоҳ таъоло қабул мешавад, ҳаргоҳ ростгӯ бошад, вале ба хотири феълаш ҳоким ӯро мекушад.

***Оё ҳаргоҳ сухан эхтимоли дашномро дошта бошад, кофир мешавад?***

Барои ӯ баён карда мешавад, пас агар тавба кунад, ӯро раҳо мекунем ва агар тавба накунад амри ӯро ба қозӣ ва олимони бузург бардошта мешавад.

## Ноқизи ҳафтум

**<u>Ҳафтум</u>**:Сеҳр (ҷоду) ва сарфу атф (гармию хунукӣ) аз ҷумлаи сеҳр аст. Пас касе онро ба ҷо орад, ё ба баҷо овардани он розӣ шавад, кофир мешавад. Ва далели ин фармудаи Ӯ таъоло аст:

﴿ وَمَا يُعَلِّمَانِ مِنْ أَحَدٍ حَتَّىٰ يَقُولَا إِنَّمَا نَحْنُ فِتْنَةٌ فَلَا تَكْفُرْ ﴾

"Ҳеҷ касро он ду, чизе таълим надиҳанд, то он ки ба ӯ бигӯянд: Ҳамоно мо фитна (озмоиши бандагон) ҳастем, пас кофир нагардед".

### *Сеҳр (ҷоду):*

#### Ҳукми он:

Сеҳр куфри акбар аст, аз рӯи фармудаи Аллоҳ таъоло:"Ва (он ду фаришта) ба ҳеҷ кас чизе ёд намедоданд, магар ин ки (аз пеш ба ӯ) мегуфтанд:Мо василаи озмоишем, пас кофир нашав".

#### Аломатҳои сеҳр:

-Мухолифи шартҳои ҷоизии руқияи шаръӣ аст.

-Навистани ҳарфҳои қатъшуда ва сухане ки нофаҳмо аст.

-Ба ситорагон назар кардан.

-Хондани кафи даст ва финҷон.

-Дар гиреҳ дамидан.

-Гармию хунукӣ.

-Беморро ба анҷоми феъле, ки хилофи шариат аст, амр кунад, монанди даст задан ба ҳаромкардаҳо ё ба тарки намоз, ё ба тарки бисмиллоҳ гуфтан дар вақти мол куштан, амр кунад.

-Пурсидани номи модар.

-Маърифати ғайбро даъво кунад.

## *Назди ҷодугар рафтан ва ҳукми он:*

Мақсад аз рафтани назди ҷодугар дар назди ӯ нишастан, ё ба сӯи ӯ шахсе, ё номае фиристодан аст ва инчунин мушоҳидаи шабакаҳои моҳвораи ҷодугарон ва мавқеъу газетаҳое, ки дар онҳо бурҷҳо аст ва қироати кафи даст, ё финҷон...аст.

Ва ҳукми рафтани назди ҷодугар, ин аст, ки намози он раванда чиҳил рӯз қабул намешавад, ҳамонгуна ки дар ҳадис омада аст ва аммо агар гуфтаи ӯро тасдиқ кунад, кофир мешавад.

Пас ба таҳқиқ Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд:" Касе назди фолбин (ғайбгӯ) раваду ӯро тасдиқ кунад, пас ба ростӣ ба он чизе ки бар Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам нозил шудааст, кофир мешавад".

Ва аз ин ҳукм истисно (ҷудо) мешавад касе, ки ба хотири бар ӯ инкор кардан биравад ва аҳли инкор бошад (яъне олим бошад).

***Нушра:Кушодани сеҳр аз шахси ҷодушуда аст. Ва он ба ду қисм тақсим мешавад:***

***Шаръӣ:***

Ба хондани руқияи шаръӣ ва давоҳои муборҳ ва дуо мебошад.

***Манъшуда:***

Ҳаргоҳ дар он навъе аз навъҳои ҷоду бошад, Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд:"Албатта он аз амалҳои шайтонҳост".

## *Рад бар касоне, ки мегӯянд, кушодани ҷоду ба ҷоду ҷоиз аст:*

1-Кушодани ҷоду ба ҷоду мухолифи Қуръон, суннат, саҳобагон ва гузаштагони уммат аст, Аллоҳ аз ҳамаи онон розӣ бод.

2-Дар ин кор заиф шуморидани давогӣ кардан ба Қуръон ва дуоҳое, ки дар суннати набавӣ омадааст, мебошад.

3-Ин кор сабаби нерӯ ва қувват додани ҷоду ва ҷодугарон дар назди омаи мардум мегардад.

4-Дар ин кор даст кашидан аз яқин, ки он муолиҷа бо Қуръон ва дуоҳои суннатӣ аст ва баргаштан ба сӯи гумон, ки он муолиҷа ба сеҳр аст, мебошад.

5-Дар ҳалли ҷоду аз шахси ҷодушуда зарурӣ аст, ки сеҳркушо ва шахси сеҳршуда ба шайтон ба он чизе ки шайтон дӯст медорад, наздикӣ намоянд, то ӯ сеҳрро ботил кунад.

6-Ҳаргоҳ шахси сеҳршуда сабр кунад, пас барояш Ҷаннат аст, ҳамчуноне ки аз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ривоят шудааст.

7-Кушодани сеҳр ба сеҳр, сеҳрро ба сеҳри сеҳршуда меафзояд.

8-Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам сеҳр карда шуд ва худро ба сеҳр муолиҷа накард, балки рӯй ба руқияи шаръӣ овард.

## Ноқизи ҳаштум

Ёрию нусрат додани мушрикон ба зафар ёфтани онҳо бар мусалмонон. Ва далел фармудаи Ӯ таъолост:

﴿ وَمَن يَتَوَلَّهُم مِّنكُمْ فَإِنَّهُۥ مِنْهُمْ ۗ إِنَّ ٱللَّهَ لَا يَهْدِى ٱلْقَوْمَ ٱلظَّٰلِمِينَ ﴿٥١﴾ ﴾

"Агар касе аз шумо онҳоро дӯст бигирад ӯ низ аз онҳост. Албатта Аллоҳ гурӯҳи золимонро ҳидоят намекунад".

### *Ёрӣ додани мушрикон бар болои мусалмонон:*

Бар мусалмон безорӣ аз мушрикон ва дини онҳо ва ба он куфр варзидан ва дӯст доштани яктопарастон ва муҳаббати дини онон воҷиб аст. Ва касе куфрро дӯст дорад, ё ба он розӣ шавад, ё бар он ёрӣ расонад ва мушриконро ёрӣ диҳад, пас ӯ кофири куфри акбар аст, аз дин хориҷ аст. Ва хулоса дар назди мо ёрӣ додани мушрикон бар ду қисм аст:

#### *Куфр ва риддат аст:*

Ёрӣ додани мушрикон бар мусалмонон аз рӯи муҳаббати онон ва бад диданни мусалмонон ва дар пирӯз шудани онон бар болои мусалмонон рағбат дошта бошад.

#### *Куфри хориҷкунанда аз дин нест:*

Ёрӣ додани онҳо аз рӯи дӯст доштани онҳо ва бад дидани мусалмонон намебошад, балки ба хотири маслиҳатҳои дунявӣ аст.

## Ноқизи нуҳум

Шахсе эътиқод намояд, ки бархе одамонро аз дини Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам баромадан мумкин аст, ҳамчуноне ки Хазир алайҳис салом аз дини Мусо алайҳис салоту вас салом хориҷ шуд, пас ӯ кофир мешавад.

***Касе ки эътиқод кунад, ки баъзе мардумро аз дини Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам хориҷ шудан мумкин аст:***

Пас албатта ӯ кофири куфри акбар аст, ба иҷмоъи олимон аз доираи Ислом хориҷ аст ва талаби тавба карда мешавад ва барои ӯ далелҳоро баён карда мешавад, пас агар тавба кард, қабул карда мешавад ва агар тавба накард, кушта мешавад.

Аллоҳ таъоло фармуд:"Бигӯ эй мардум ман Паёмбари Аллоҳ ба сӯи ҳамаи шумо ҳастам". Ва Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд:"Агар Мусо зинда мебуд, ҳатман пайравии манро мекард".

Ва дар зимни ин аҳли китоб, ки ба онон даъват расидааст, дохил мешаванд, зеро ки онон мушриканд, ҳамчуноне ки гузашт.

Оё Хазир алайҳис салом аз дини Мусо алайҳис салом хориҷ шуд?

Ҳеҷ далеле дар назди мо нест, ки хориҷ шудани Хазир алайҳис саломро аз дини Мусо алайҳис салом исбот намояд ва агар исбот шавад, пас шояд ӯ аз уммати Мусо алайҳис салом набуд. Ва паёмбар ба сӯи қавмаш махсус фиристода мешуд ва паёмбари мо ба сӯи ҳамаи мардум фиристода шуд. Пас ягон нафар аз шариати Ӯ хориҷ намешавад.

## Ноқизи даҳум

Аз дини Аллоҳ рӯй гардонидан, яъне онро таълим намегирад ва ба муҷиби он амал намекунад. Далели ин фармудаи Ӯ таъолост: ﴿

وَمَنْ أَظْلَمُ مِمَّن ذُكِّرَ بِـَٔايَـٰتِ رَبِّهِۦ ثُمَّ أَعْرَضَ عَنْهَآ ۚ إِنَّا مِنَ ٱلْمُجْرِمِينَ مُنتَقِمُونَ ﴿٢٢﴾ ﴾

"Ҳеҷ кас золимтар нест аз шахсе ки ба оятҳои Парвардигораш панд дода шуд, сипас аз он рӯй гардонид. Албатта мо аз гунаҳгорон интиқомгирандагонем".

### *Аз дини Аллоҳ рӯй гардондан:*

Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд:"Аллоҳ барои касе хайр бихоҳад, ӯро дар дин донишманд мегардонад". Ва Аллоҳ барои касе хайрро нахоҳад, аз омӯхтани дини Аллоҳ рӯй мегардонад ва ғофил мегардад, Аллоҳ таъоло фармуд:" "Ҳеҷ кас золимтар нест аз шахсе ки ба оятҳои Парвардигораш панд дода шуд, сипас аз он рӯй гардонид. Албатта мо аз гунаҳгорон интиқомгирандагонем". Ва муҷримон аҳли оташанд ва ба Аллоҳ паноҳ (мебарем).

### *Ҳукми рӯй гардондан:*

Агар ба шунавоӣ ва қалбаш аз Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам дӯрӣ кунад, ба ин сурат, ки Ӯро на тасдиқ кунад ва на дурӯғгӯ шуморад ва на Ӯро дӯст дорад ва на душманӣ кунад ва ба он чи омадааст, албатта гуш накунад, пас ӯ кофири куфри акбар аст, аз доираи дин хориҷ аст. Аллоҳ таъоло мефармояд:" Ва чун ба онон гуфта шавад ба сӯи нозилкардаи Аллоҳ (Қуръон) ва расул биёед, мунофиқонро мебинӣ, ки аз тӯ комилан рӯй мегардонанд". Ва фармуд:"Ва касе аз зикри Парвардигораш рӯй гардонад, (Аллоҳ) ӯро ба азоби сахт гирифтор месозад".

## Хотимаи муаллиф

Дар ҳамаи ин шикананандаҳо фарқ байни масхаракунанда, ҷиддияткунанда, тарсанда нест ба ғайри шахси маҷбур кардашуда. Ва ҳамаи ин шикананда аз бузургтарини хатарҳо ҳастанд ва бисёртар мардум дар инҳо воқеъ мешаванд. Пас барои мусалмон сазовор аст, ки аз инҳо парҳез намояд ва аз воқеъ шудани дар он битарсад. Ба Аллоҳ аз сабабҳои барангезандаи ғазабаш ва иқоби дарднокаш паноҳ мебарем.

Ва саллаллоҳу ала хайри халқиҳи Муҳаммад ва ала олиҳи ва саҳбиҳи ва саллам.

***Дар ҳамаи ин ноқизҳо, фарқ нест дар байни***

**Ҳазлкунанда** (масхарабоз): Касе аст, ки ноқизеро анҷом медиҳад, сипас даъво мекунад, ки ҳазл кардааст.

**Ҷиддикунанда:** Касе аст, ки ноқизро қасдан анҷом медиҳад ва узре надорад.

**Тарсон:** **Касе аст, ки аз рӯи дурӯғ даъво мекунад, ки ин ноқизро аз тарси зараре, ки дар молаш, ё обурӯяш мерасид, анҷом додааст ва бар чизе маҷбур карда нашуда аст, Аллоҳ таъоло мефармояд:"Ва аз мардум касоне ҳастанд, ки мегӯянд:Ба Аллоҳ имон овардаем, пас ҳангоме ки дар роҳи Аллоҳ озор бинад, озори мардумро ҳамчун азоби Аллоҳ ба шумор меорад ва агар пирӯзӣ аз сӯи Парвардигорат (барои шумо) биёяд, ҳатман мегӯянд:Ба ростӣ ки мо (низ) бо шумо будем. Оё Аллоҳ ба он чи дар синаҳои ҷаҳониён аст, донотар нест?!".**

## *(Икроҳ) Маҷбур кардан:*

Касе бар анҷоми ноқизе аз ноқизҳои дин маҷбур карда шуд, кофир намешавад ва шартҳои маҷбурӣ, ки ба он маъзур дониста мешавад, шартҳои зерин аст:

1-Дар ҳақиқат маҷбур бошад, пас ғайри маҷбур маъзур дониста намешавад, монанди тарсу, ё хушомадгӯ.

2-Ин ки аз ҳад нагузарад, пас ҳаргоҳ масалан бар дашноми нафаре, ки ба сабаби дашномаш шахс кофир мешавад, маҷбур карда шуд, пас аз як нафар зиёдро дашном дод, пас ин куфр аст, зеро ӯ ба дашноми як нафар маҷбур карда шуд.

3-Ба андозаи тавонаш эъроз намояд ва куфрро ошкор нагӯяд.

4-Қалбаш мутмаин ба имон бошад, яъне ба забонаш бигӯяд, бо ҳамроҳи боқӣ мондани имон дар қалбаш.

5-Ин ки бар он чизе ки маҷбур карда мешавад, дар он бар ҳаққи дигаре таҷовуз кардан, ё фасод кардан набошад, ё ба сабаби он гумроҳии мардум набошад.

## *Танбеҳҳои муҳим:*

**Якум**:Мақсади муаллиф ба ин китоб кофир ҳукм кардани уммат нест ва албатта мақсади ӯ ин аст, ки мардум онро таълим гиранд, пас аз он ҳазар кунанд ва битарсанд. Пас ҳаргоҳ аз он битарсанд, имонашон саҳеҳ мешавад ва аз азоби дарднок наҷот меёбад. Ҳамчунон бар онон шоиста аст, ки дигаронро аз он ҳазар диҳанд. Он хатари бузург аст, сазовор аст, ки таълим гирифта шавад, пас аз он парҳез карда шавад.

**Дуввум**:Тарси мусалмон аз ширк ба омӯхтани илми шаръӣ мебошад, Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд:"Аллоҳ барои касе хайр бихоҳад, ӯро дар дин донишманд мегардонад", пас фиқҳи дар дин аз воҷибтарину бузургтарини воҷибҳост. Ба сабаби он инсон худашро аз ширк, бидъат ва маъсиятҳо нигаҳ медорад. Ва ҳар қадар маърифати инсон ба Парвардигораш зиёд шавад, ҳамонқадар муроқабаи ӯ барояш дар кирдор ва аҳволаш зиёд мешавад. Ва ҳар қадар илми инсон боло равад, ҳар қадар ихлоси ӯ барои Аллоҳ зиёд мешавад ва имонаш комил мегардад. Баъзе аҳли илм гуфтаанд:"Илмро барои ғайри Аллоҳ талаб кардем, пас инкор кард, магар ки барои Аллоҳ бошад".

**Сеюм**:Кофир ҳукм кардани шахси муайян ҷоиз нест, магар баъди воқеъ шудани ӯ дар ноқизе аз ҳамин ноқизҳо ва қоим шудани ҳуҷҷат бар ӯ ва монеъаи такфир аз ӯ нафй шавад. Ва касе ки ҳукм ба куфр мекунад ҳокими мусалмонон аст, ё ноиби ӯ, яъне қозӣ ва касе ки дар мақоми онҳост, аммо барои омаи мардум шоиста аст, ки дар монанди ин умур фурӯ нараванд.

**Чорум**:Муаллиф китобашро ба дуо хатм намуда мегӯяд: (Ба Аллоҳ аз барангезандаҳои ғазабаш ва азоби дарднокаш паноҳ мебарем) ва ин аз қасди нек ва нармияш барои хонанда аст ва ин одати ӯ дар ҳамаи китобҳояш аст, Аллоҳ ӯро раҳмату мағфират кунад ва ӯро савоби зиёде бидиҳад.

***Рӯзи якшанбе, соати 8:45, 29/шаволи/1438 ҳиҷрӣ мувофиқи 23/июли/2017 мелодӣ тарҷумаи ин китоб ба фазлу раҳмати Аллоҳ ба поён расид. Аз Аллоҳи карим мепурсам, ки ин амалро дар мизони ҳасанотам қарор диҳад.***

***Ба қалами:Шаҳобиддин Солиҳ***

***Мадинаи Мунаввара***